АҲМАДИНАЖОД ПРЕЗИДЕНТ МЕШАВАД? с.4
44 МЛН ЗАРАРИ ОФАТИ ТАБИӢ ДАР ТОҶИКИСТОН с. 2
250 ҲАЗОР ҶОЙИ КОРӢ ДАР ЯК СОЛ с. 3


# ТОҶИКИСТОН

№23 (1586), 05.06.24

Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якто аст!

Оғози нашр соли 1992








## ДАР ИН ШУМОРА:

**ШАФФОФИЯТИ БУҶЕТ**
Тоҷикистон дар кадом зина аст? с.3

**КОНИБОДОМ**
Қатли 6 нафар дар як шаб с.11

**АЗ ДИЛ БА ДИДА**
Мусоҳиба бо чашмпизишки пешбари Русия ва Италия с.8

**КОМИССИЯИ МАКЕЕВ**
Тоҷикистон чӣ тавр аз автономия раҳо шуд? с.6

**НОМА БА ДУ ВАЗИР**
Афроштаро дастгирӣ мебояд с.5

**ҚАЗОҚИСТОН**
Чаро "Толибон"-ро эътироф кард? с.4

**ВАРЗИШ**
Сабқати Тоҷикистон бо Урдун с.15

**КАНЗИ ШИФО**
10 маҳсулоти муфид ба беморони диабети қанд с.12


МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»

*Маҷмааи бисёрфунксионалии "Ҳисор мол" бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.*

M.O.O. Group
СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

*Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»*

ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ "ҲИСОР МОЛ" ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ СУПОРЕД.

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ
- Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиноварии дарунӣ
- Маркази фитнес



Телефони шуъбаи фурӯш: +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33

# ДАРОМАДИ "ТАЛКО ГОЛД" 2,7 БАРОБАР АФЗОИШ ЁФТ

**Ширкати "Талко Голд" даромадашро аз ҳисоби тавлидоти сурмаву тилло ҳудуди 2,7 баробар афзоиш дод.**

Муҳаммадвалишоҳ Махшулов, масъули матбуотии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон гуфт, ки афзоиши даромад қабл аз ҳама ба афзоиши тавлидот вобастагӣ дорад.

"Ҳамзамон тавлидоти бахусус тилло афзоиш ёфт ва ба ин далел, ки тибқи қонунгузорӣ ҳаҷми тавлидоти тилло иттилои хос аст, онро ироа карда наметавонем. Омили дигар афзоиши нархи тилло дар бозори ҷаҳонӣ аст",- гуфт Махшулов.

Тибқи иттилои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон, ширкати "Талко Голд" дар чаҳор моҳи соли равон ба маблағи 298,7 млн сомонӣ тиллову сурма тавлид кардааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 188,8 миллион сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиш 272%-ро ташкил медиҳад.

"Талко Голд" ё "Тиллои Талко", яке аз ширкатҳои гурӯҳи "Талко", корхонаи давлатии Тоҷикистон аст, ки моҳи апрели соли 2021 дар минтақаи Кончочи ноҳияи Айнӣ ба кор шуруъ карда, 50%-и саҳмияҳояш ба Чин ва 50% ба худи Тоҷикистон тааллуқ дорад.

# ҲАБСИ ДУ ДУХТАРИ ҶАВОН ДАР ДУШАНБЕ

**Кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар ноҳияи Фирдавсӣ барои вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ Каримбекова Сарвиноз Акбарҷоновна, соли таваллудаш 2002, истиқоматкунандаи шаҳри Ҳисор ва Ҷураева Фарзона Акрамбоевна, соли таваллудаш 2005, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Саҳборо дастгир намуданд, ки дар ҳолати сархушӣ даст ба қонуншиканӣ задаанд.**

"Зимни санҷиш муайян карда шуд, ки номбурдагон 4-уми июни соли ҷорӣ, тақрибан соати 02:00, дар кӯчаи Сомони ноҳияи Фирдавсӣ, дар ҳолати мастӣ ба шаҳрвандон дарафтода, бо дашномҳои қабеҳ шаъну шарафи атрофиёнро паст задаанд. Ҳамзамон бо ҳамдигар мунокиша намуда, тартиботи ҷамъиятӣ ва оромии шаҳрвандонро халалдор сохтаанд",- иттилоъ дод Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе.

Боздоштшудагон 10 ва 7 шабонарӯзро пушти панҷара сипарӣ мекунанд.

# 44 МИЛЛИОН ЗАРАРИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Дар натиҷаи офатҳои табиии моҳи майи соли равон 44 миллион сомонӣ хисорот расидааст.**

Ба иттилои Кумитаи ҳолатҳои фавқулодаи Тоҷикистон, аз 3 то 26-уми майи соли ҷорӣ дар натиҷаи офатҳои табиӣ, аз ҷумла омадани сел 25 манзил осеб дида, 15 хона пурра вайрон шудааст. Ҳамчунин, бинои 6 муассисаи таълимии миёна ва томактабӣ, 260 км роҳҳои мошингард, 27 пул, 15,2 км хатҳои интиқоли барқ, хати алоқа, 87,7 км иншооти соҳилмустаҳкамкунӣ ва 92,6 км хатҳои обрасон ва каналҳо зарар дидаанд. Чандин нафар ҷони худро аз даст додаанд. Ҳамзамон, дар натиҷаи офатҳои табиӣ 638 сар чорво талаф ёфтаанд. Дар ин росто, ба 1174 оила кумак расонида шуда, зиёда аз 5,5 ҳазор кас ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шудаанд.

Рӯзҳои наздик боз эҳтимоли баланд шудани сатҳи оби дарёҳои Зарафшон, Обихингоб, Сурхоб, Ёхсу, Қизилсу ва рӯдхонаҳои Варзоб, Лучоб, Элок, Ромит ва Ҳарангон вуҷуд дорад.



# ҶОИЗАИ ҶАҲОНИИ "ТОРҲОИ ЗИНДАГӢ"

**Фирдавс Набиев яке аз суратгирони ҳирфаӣ аст, ки дар 9-умин Ҷашнвораи байналмилалии аккосӣ (International Photography Awards) дар бахши "Портрети мард" яке аз 5 асари ҳунарии ӯ соҳиби ҷоизаи асосӣ гардид.**

Ӯ аз соли 2016 ба ин сӯ дар ин ҷашнвораи байналмилалӣ ширкат карда, имсол бошад, бахт ба рӯяш хандид. Акси гирифтаи ӯ "Торҳои зиндагӣ" ном дошта, дар миёни 465 ҳазор акс аз 112 ҳазор суратгир соҳиби ҷоизаи асосӣ мегардад.

Имсол дар ин ҷашнвора суратгирони 174 кишвари ҷаҳон иштирок доштанд. Фирдавс Набиев бошад, аз Тоҷикистон сазовори ин ҷашнвораи бонуфузи байналмилалӣ мегардад.

Акси "Торҳои зиндагӣ" қарор аст дар маҷалаҳои бонуфузи аккосӣ дар радифи 1500 сурати беҳтарин нашр шавад. Ин аз як ҷиҳат муаррифии фарҳангу ҳунар дар Тоҷикистони азиз буда ва аз ҷиҳати дигар бошад, мо ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ суратгирони ҳирфаӣ дорем.

**Б. МЕҲТОҶИЁН**

# САРИ САБЗ



Саодат АЗИЗОВА, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

**- Инсон бояд бо тамоми вуҷудаш омода шуда, баъд ба зиёрати Хонаи Худо равад. Вақте ҳоҷӣ мешавию аз гуноҳ, ғайбат, тӯҳмат ва дигар одатҳои баде, ки Аллоҳро хуш намеоянд, даст намекашӣ, аз ҳаҷ кардан ва ҳоҷӣ шудан ягон фоида нест. Ҳоҷӣ бояд хатто мӯрчаро озор надиҳад.**

*- Ҳоҷибибии азиз, о, вақте ки инсон бо тамоми вуҷудаш омода шавад, ҳаҷ кардану унвони ҳоҷӣ гирифтанаш шарт мӣ? Беҳтар нест, ки нафарони омодашуда пулҳояшонро дар ягон кори хайриявӣ сарф кунанд?*



Юсуф БУРҲОНЗОДА, ҷарроҳи дилу рагҳо

**- Барои ҷарроҳи хуб шудан покдилӣ муҳим аст. Оне дар ин соҳаи пуршараф муваффақ мешавад, ки худро хидматгузори мардум бидонад. Агар фикр кунад, ки духтурӣ тиҷорат ё василаи шуҳратхоҳӣ аст, пас монеаҳои пешомадаро пушти сар карда наметавонад.**

*- Гуманизмро ба ҳадди иғроқ расонидед ку, рафиқ доктор! Оҳ, ба бечора духтур як чӣ - ним чӣ ҳақи заҳматашро додан даркор, то монеаҳои пешмеомадаро паси сар карда тавонад.*



Ёсамин ДАВЛАТОВА, сарояндаи маъруфи тоҷик

**- Фикр мекунам яке аз сабабҳои муваффақиятам ва ба дили мардум роҳ ёфтанам - ин соддагӣ ва оддӣ буданам аст. Мардуми мо оддиянд ва карру фарро дӯст намедоранд. Аз ин сабаб, кӯшиш мекунам намоҳангҳоямро дар маконҳои орому оддӣ таҳия намоям.**

*- Ана, беҳтарин идея барои мардуми оддӣ, ки карру фарро дӯст намедоранд ва меҳоҳанд дар макони оддӣ тӯй гузаронида, сарояндаи оддиеро бо маблағи оддӣ даъват намоянд.*

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА, муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР, муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ, раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ, академик

Шералӣ КАБИР, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ, раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ, сиёсатмадор

Адаш ИСТАД, нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН, адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Умед СУЛТОНОВ, саҳифабанд

МУАССИС: Ҳайати кормандони ҳафтанома

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА: 221-00-84, 227-19-95 tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16 238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61 ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО 918-66-82-64, 221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР: 33 000 нусха.



# ШАФФОФИЯТИ БУҶЕТ

## Тоҷикистон дар кадом зина аст?

**Тоҷикистон дар “Индекси шаффофияти буҷет”-и соли 2023 бо гирифтани 33 хол аз 100 холи имконпазир дар байни 125 кишвари ҷаҳон ҷойи 90-умро гирифт. Дар рейтинги гузашта, яъне 2021 Тоҷикистон бо касби 16 хол дар байни 120 кишвар дар ҷойи 106-ум буд. Муаррифии рейтинги нав 29-уми май дар Вазорати молияи Тоҷикистон бо ширкати кормандони вазорат, шарикони рушд, коршиносони мустақил баргузор шуд.**

### Мавқеи Тоҷикистон дар рейтинг

Уктам Ҷумаев, коршиноси мустақили “Шарикии байналмилалии буҷетӣ” аз Тоҷикистон, ки таҳқиқоти рейтингро гузаронидааст, мегӯяд, ҳарчанд Тоҷикистон чанд зина боло рафт, вале ҳоло ҳам дар рӯйхат мавқеи шоистаро ишғол намекунад. Натиҷаи қобили қабул бояд болотар аз зинаи 61 бошад. Ба иттилои Уктам Ҷумаев, аз ҳамсояҳои Тоҷикистон дар ин рейтинг танҳо Қазоқистон ва Қирғизистон ширкат мекунанд, ки ҳарду ҳам дар мавқеи зарурӣ ҳастанд. Қазоқистон бо касби 63 хол дар ҷойи 32-юм ва Қирғизистон бо касби 61 хол дар зинаи 38-ум қарор дорад.

Онҳо дар рейтинги гузашта (соли 2021) ҳам тақрибан чунин холро ба даст оварда буданд. Ӯзбекистон ва Туркманистон дар ин рейтинг ворид намешаванд. Ҳамин тавр, Тоҷикистон дар байни се кишвари Осиёи Марказӣ дар ин рейтинг дар ҷойи охир қарор дорад.

“Мавқеи Тоҷикистон дар ин раддабандӣ тавассути сари вақт тариқи онлайн интишор кардани лоиҳаи буҷети давлатӣ ва ҳисоботи аудитории он беҳтар шуд. Вале мукаммалии ҳуҷҷатҳои буҷетӣ тавассути коҳиши ҳаҷми интишори иттилоот дар изҳороти то буҷетӣ ва буҷети қабулшуда паст гардид”,- гуфт Уктам Ҷумаев.

Номбурда илова кард, ки Тоҷикистон дар зершохиси шаффофияти буҷет дар самти иштироки ҷомеа дар раванди буҷет 7 холро аз 100 холи имконпазир дастрас кард. Ин дар ҳолест, ки дар индекси гузашта Тоҷикистон умуман хол надошт.

### 3 тавсия ба Тоҷикистон

Дар муаррифии рейтинг гуфта шудааст, ки иштироки ҷомеа дар тамоми марҳилаҳои раванди буҷет як унсури хеле муҳими баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва паст кардани сатҳи коррупсия дар масоили молии давлатӣ мебошад.

**Шарикии байналмилалии буҷетӣ барои беҳтар шудани мавқеи Тоҷикистон дар ин рейтинг чунин тавсияҳо додааст:**

**ЯКУМ**, *тавсифи нимсола ва ҳисоботи солонаи буҷети давлатиро сари вақт таҳия ва нашр кунанд.*

**ДУЮМ**, *ҳуҷҷатҳои асосии буҷетиро мукаммал намоянд.*

**СЕЮМ**, *раванди таҳияи буҷети шаҳрвандиро фарогиртар кунанд.*

Бояд гуфт, ки нахустин Индекси шаффофияти буҷети Тоҷикистон аз ҷониби ин ташкилоти ғайридавлатии байналмилалӣ соли 2012 баҳогузорӣ гардида буд. Тоҷикистон аз 100 холи имконпазир 17 холро соҳиб шуда, миёни давлатҳои собиқ шӯравӣ ҷои охиринро ишғол карда буд. Дар тадқиқоти минбаъда, ки соли 2015 баргузор шуд, Тоҷикистон аз рӯйи шаффофияти Буҷети давлатӣ чанд зина пеш рафта, соҳиби 25 хол гардид. Дар рейтинги соли 2017-ум 30 хол ва соли 2019 дубора 17 балро ба даст овард.

### Ислоҳот дар идораи молия

Соли 2020 Стратегияи нави идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул шуд. Дар он самтҳои асосии ислоҳот дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ мушаххас оварда шудааст. Шаффофият ва ҳисоботдиҳии буҷет яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳот дар ин самт муайян гардидааст. Тоҷикистон дар арзёбии индекси шаффофияти буҷет шуруъ аз соли 2012 ширкат намуда, тибқи таҷриба натиҷаи арзёбии мазкур дар ду сол як маротиба баргузор ва нашр карда мешавад.

Бояд гуфт, ки ҳаҷми умумии буҷет дар соли ҷорӣ 44,1 млрд сомонӣ пешбинӣ шудааст. Қисмати зиёди маблағ ба соҳаи маориф равона мегардад. Афзоиши буҷет дар ин самт ба беш аз 14% расида, 8,23 млрд сомониро ташкил медиҳад. Ба соҳаи иҷтимоӣ қариб 19 млрд сомонӣ ва барои тараққиёти иқтисодӣ 15 млрд ҷудо мегардад.

Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи фарҳанг ва варзиш 1,7 млрд ё қариб 15% бештар муқаррар шуд.

Коршиносон мегӯянд, ки гузаронидани чунин рейтингҳо аз чанд ҷиҳат муфид аст. Пеш аз ҳама, мардум аз фаъолияти ниҳодҳои молиявӣ огоҳ мегарданд ва сатҳи саводи молиявии мардум боло меравад. Вазорату идораҳои марбут ба самти молия низ дар заминаи натиҷагирӣ аз чунин рейтингҳо ва ошкорсозии камбудиҳо ва зимнан тавсияҳо фаъолияташон беҳтар мегардад.

**У. РАҲИМЗОДА**



**Дар шаҳри Алмаато Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ бо Раиси Думаи Давлатии Русия Вячеслав Володин мулоқот кард.**

Зимни суҳбат ҳолати имрӯза ва дурнамои муносибатҳои дуҷонибаи ду давлат, инчунин самтҳои афзалиятдори робитаҳои байнипарламентӣ, аз ҷумла дар доираи Ассамблеяи парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.



**Андрей Патрушев роҳбари намояндагии “Россотрудничество” дар Тоҷикистон таъин шуд. Ӯ дар ин вазифа Иван Ивановро иваз кард.**

Ӯ 43 сол дошта, дар шаҳри Екатеринбург таваллуд шудааст. Донишгоҳи федералии Урал ба номи Борис Елтсин ва Донишгоҳи давлатии техникии Уралро хатм кардааст. Номбурда дар вазифаҳои раҳбарӣ ва таълими байналмилалӣ дар донишгоҳҳои Урал ва Тюмен фаъолият доштааст. Донандаи забонҳои русӣ, англисӣ ва арабӣ мебошад.



**Кормандони милитсияи экологӣ ва сайёҳии вилояти Хатлон бо далели тоза накардани партовгоҳҳо ва хароб кардани тозагии муҳити атроф нисбат ба 15 сокини вилояти Хатлон, аз ҷумла 3 раиси маҳаллаи шаҳри Бохтар протоколҳои маъмурӣ тартиб доданд.**

Раисони маҳалла инхоянд: Камолиддин Абукаримов, соли таваллудаш 1986, раиси кумитаи маҳаллаи Ваҳдат; Зафар Назаров, соли таваллудаш 1973, раиси кумитаи маҳаллаи Ҳоҷӣ-Шариф; Абос Юсупов, соли таваллудаш 1966, раиси кумитаи маҳаллаи Баҳор.

# 250 000 ҶОЙИ КОРИ НАВ ДАР СОЛИ 2024

**Дар Тоҷикистон то охири соли 2024 беш аз 250 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешаванд.**



Дар ин бора Қиёмиддин Давлатзода, муовини вазири меҳнат ва муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон иттилоъ дод. Ба гуфтаи Давлатзода, ин иқдом ба манзури коҳиши мизони муҳоҷират ва фароҳам овардани шароити кору зиндагӣ барои сокинони кишвар сурат мегирад.

Ҳамчунин, ӯ зикр кард, ки шумораи зиёди шаҳрвандони Тоҷикистон на ба далели набудани кор дар Ватан, балки аз сабаби огоҳӣ надоштан дар мавриди мавҷудияти биржаҳои корӣ ба муҳоҷирати корӣ мераванд.

Гуфта мешавад, ки дар се моҳи соли ҷорӣ беш аз 190 ҳазор шаҳрвандони кишвар ба муҳоҷират рафтаанд, ки аз ин 180 ҳазор нафарашон ба Русия мебошад. Аммо дар муқоиса бо соли гузашта муҳоҷирати корӣ ба хориҷа 74,4 ҳазор нафар ё 28% коҳиш ёфтааст.




ИЗВЕСТИЯ iz **Кайҳоннаварди рус Олег Кононенко дар таърих рекорд гузошт. Дар ин бора “Роскосмос” хабар медиҳад.**

“Давомнокии умумии парвозҳои кайҳонии Олег Кононенко ҳазор шабонарӯзро ташкил медиҳад”,- хабар медиҳад манбаъ. Дар поёни парвози солона ба кайҳон, ки 23-юми сентябри соли равон пешбинӣ шудааст, интизор меравад, ки вақти умумии парвози кайҳоннаварди рус 1110 рӯзро ташкил диҳад.



FOX NEWS **Доналд Трамп ваъда дод, ки маводҳоро дар бораи куштори Ҷон Кеннеди ва ҳамлаҳои террористии 11-уми сентябри соли 2001 ифшо мекунад.**

Ӯ гуфт, ки дар сурати президенти ИМА интихоб шуданаш ин корро мекунад. Интихоботи 60-умини президентӣ дар Иёлоти Муттаҳида 5-уми ноябри соли 2024 баргузор мешавад. Трамп алорағми он ки алайҳи ӯ парвандаи ҷиноятӣ боз шуда, суд ӯро гунаҳгор низ баровардааст ва эҳтимоли зиндонӣ шуданаш мавҷуд аст, мехоҳад дар сабқатҳо ширкат кунад.



X **Сенатори амрикоӣ Берни Сандерс дар саҳифааш навишт, ки Бенямин Нетаняху ҷинояткори ҷангист ва набояд ӯ барои суханронӣ дар назди Конгресс даъват шавад.**

Вай инчунин навишт, ки Исроил метавонист худро аз ҳуҷуми 7-уми октябр дифоъ кунад, аммо ҳуқуқи куштани даҳҳо ҳазор нафар шаҳрвандони Фаластинро надошт. Сандерс бо тасмими додгоҳи байналмилалӣ дар бораи додани ордер барои боздошти нахуствазири Исроил ва раҳбари Ҳамос розӣ аст, зеро "ҳардуи онҳо ба таври ошкоро меъёрҳои байналмилалиро вайрон мекунанд".

# САБҚАТИ 80 НАФАР БАРОИ ЯК КУРСӢ

Tasnim News Agency **3-юми июн сабтиноми довталабҳо барои иштирок дар интихоботи зудҳангоми раёсатҷумҳурӣ дар Эрон ба анҷом расид. Дар маҷмуъ, 80 нафар расман барои довталаб ба курсии раисҷумҳури ин кишвар сабтином шудаанд, ки аз миёни онҳо 4 зан низ ҳастанд. Дар ин бора “Тасним” хабар медиҳад.**



**Алӣ Лориҷонӣ, Маҳмуди Аҳмадинажод, Исҳоқ Ҷаҳонгирӣ, Муҳаммадбоқир Қолибоф, Саид Ҷалилӣ, Ваҳид Ҳаққониён, Алиризо Зоконӣ ва Абдуносир Ҳимматӣ** аз ҷумлаи чеҳраҳои саршинос ҳастанд, ки худро ҳамчун номзади интихоботи президентӣ номнавис кардаанд.

Баъзе аз шахсоне, ки худро сабтином кардаанд, аъзои парлумон ва теъдоде ҳам сиёсатмадор ҳастанд.

Ҳамида Зарёбӣ, намояндаи пешини парлумони Эрон дар рӯзи охирини сабтином худро номзад ба мақоми раёсати ҷумҳурӣ кард. Вай ҳангоми нишасти хабарӣ ибрози умед кард, ки рӯзе бирасад мардум як занро президент интихоб кунанд.

"Рӯзе шоҳиди ин бошем, ки дар як интихоботи озод ва пуррақобат аз байни занони шоистаи сарзаминам мардум занеро ба унвони раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон интихоб кунанд",- афзуд ӯ.

Дар Қонуни асосии Эрон омадааст, ки раисиҷумҳур бояд аз миёни шахсиятҳои мазҳабӣ ва сиёсии мард интихоб шавад. Ин ҳамон чизе аст, ки то кунун монеи номзадии занон дар интихоботи раёсати ҷумҳурӣ шудааст.

Акнун Шӯрои нигаҳбони Эрон салоҳиятҳои ин афродро баррасӣ мекунад ва иҷозат медиҳад, ки кадоме аз онҳо дар интихобот ширкат кунанд.

Пас аз ҳалокати Иброҳим Раисӣ, ҳаштумин раисҷумҳури Эрон дар як сонеҳаи ҳавоӣ дар рӯзи 19-уми май, Теҳрон интихоботи президентии пеш аз муҳлат эълон кард. Ҳоло салоҳиятҳои раёсати ҷумҳуриро Муҳаммад Мухбир, муовини Иброҳим Раисӣ бар дӯш дорад. Бархилофи интизориҳо, Муҳаммад Мухбир худро ба унвони номзади интихоботи раёсати ҷумҳурӣ сабти ном накард.

## АҲМАДИНАЖОД ПРЕЗИДЕНТ МЕШАВАД?

**Маҳмуди Аҳмадинажод, раисҷумҳури пешини Эрон мехоҳад бори сеюм дар интихоботи президентӣ дар он кишвар иштирок кунад. Дар ду давраи қаблии президентии ӯ муносибати Тоҷикистон бо Эрон ба таври қобили мулоҳиза густариш ёфта буд.**

*Аҳмадинажоди 64-сола, ки дар гузашта дар мансаби шаҳрдори Теҳрон низ кор кардааст, бо дидгоҳҳои муҳофизакоронааш маъруф аст ва дар солҳои охир аз кори раҳбарияти Эрон танқид мекунад. Аризаи ӯ барои сабтиноми номзадияш дар интихоботи соли 2017 рад шуда буд.*

*Маҳмуди Аҳмадинажод аз соли 2005 то 2013 раёсати Ҷумҳурии Исломиро бар дӯш дошт. Дар он замон Эрон бо Ғарб бар сари барномаи ҳастаӣ дар ҳолати ихтилофи сахт қарор дошт ва натиҷаҳои баҳсбарангези интихоботи соли 2009, ки расман бо ғалабаи ӯ анҷомид, азимтарин эътирозҳоро аз соли 1979 ба бор овард.*

# “ТОЛИБОН” ДАР ҚАЗОҚИСТОН ТЕРРОРИСТ НЕСТАНД

ТАСС **Қазоқистон “Толибон”-ро аз рӯйхати созмонҳои фаъолияташон мамнуъ дар Қазоқистон берун кард. Қосимҷомарт Тоқаев ин тасмими кишварашро шарҳ дод.**

Ӯ дар нишасти кишварҳои узви Созмонҳои Паймони Амнияти Дастҷамъӣ (СПАД) гуфт, ки барои рушди ҳамкориҳо бо ҳукумати Афғонистон, ки “Толибон” онро дар даст дорад, ҳукумати Қазоқистон ин созмонро аз рӯйхати созмонҳои террористӣ дар ин кишвар хориҷ кардааст.



“Қазоқистон режими “Толибон”-ро бо назардошти аҳамияти рушди ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ бо Афғонистони муосир ва дарки он, ки ин режим барои дарозмуддат сари кор аст, аз рӯйхати террористӣ хориҷ кард”,- изҳор доштааст Тоқаев.

Ӯ инчунин ҷалби Афғонистонро барои ҳамкориҳои минтақавӣ яке аз вазифаҳои стратегӣ унвон карда, аз дигар аъзои СПАД даъват кардааст, ки ташаббуси Қазоқистонро дар мавриди таъсиси Маркази Созмони Милали Муттаҳид дар умури таъмини рушди устувори Осиёи Марказӣ ва Афғонистон дастгирӣ кунанд.

Қабл аз ин, Владимир Путин, президенти Русия низ робита бо Толибонро амри зарурӣ арзёбӣ карда буд.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶТ РАҲИМ САИДЗОДА ВА ВАЗИРИ НАҚЛИЁТИ ҶТ АЗИМ ИБРОҲИМ**




# ХАТИ ПАРВОЗИ АФРОШТА

## Онро нашиканеду дастгирӣ кунед...

**… Номаи мазкур ба дасти муаллифи ин сатрҳо ду ҳафта пеш расида буд. Аммо бо сабабҳои гуногун ба он эътибор надода будам. Аммо вақте номаро хондам, эҳсос намудам, ки мазмуни онро ҳатман расонай кардан лозим ва ин духтарак лоиқи дастгирист.**

Зеро кишвари мо, давлати мо, ояндаи Тоҷикистони азиз маҳз ба чунин кадрҳои ватанпарасту мутахассисони сатҳи байналмилалӣ ниёз дорад. Хулоса, чанд пора аз номаи Афроштаро ба Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон инҷо меорам, то хонанда дар кадом мавзуъ сухан рафтанашро дарк кунад.

“Ман Иноятзода Афроштаи Нусратулло, хатмкардаи факултаи “Менеҷмент ва коммуникатсияи нақлиётӣ”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ, бо ихтисоси “Ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти ҳавоӣ” мебошам ва онро бо дипломи аъло хатм кардаам. Мақсадам ин буд, ки таҳсили худро идома дода, дар ин соҳа маълумоти бештар ба даст орам ва ба кишвари худ хизмат кунам. Бо ҳамин орзу рӯзе, ки соҳиби “дипоми сурх” шудам, фаҳмидам, ки ду рӯз пас дар Донишгоҳи давлатии техникии авиатсионии шаҳри Маскав имтиҳони қабул ба аспирантураи он оғоз мешудааст ва ман низ ҳамон бегоҳ ба ин шаҳр парвоз кардам. Рӯзи 5-уми июл имтиҳон баргузор гардид ва ман аз се имтиҳони дохилшавӣ 10-балӣ, яъне бали нихоиро сазовор гардидам. Аммо чун шаҳрванди хориҷӣ маро ба гурӯҳи шартномавӣ гузарониданд. Ҳам устодон ва ҳам мухассилони ин донишгоҳ аз он ба ҳайрат афтоданд, ки наход ягона духтари тоҷик дар таърихи ин донишгоҳ ба аспирантура бо баҳои аъло дохил гардаду забони русӣ ва англисиро чун забони модарии худ донад ва боз барои таҳсил солона 375 000 рубл супорад?...”.

Бале, ин ҷо тақдир бо Афрошта шӯхии сахте карда буд ва ӯ гумон дошт, ки агар имтиҳонҳоро дар сатҳи баланд супорад, дар аспирантураи донишгоҳ ба таври буҷавӣ таҳсил хоҳад кард, вале... Ба ҷои ӯ каси дигаре мебуд, аз баҳри таҳсил мегузашту ба Ватан бармегашт ва ба тақдири худ тан медод. Аммо бубинем, ки дар чунин ҳолат Афрошта чӣ кор кард?

Ба ҷои ин, ӯ ба қабули ректори донишгоҳ мушарраф гардида, барои худ аввал хобгоҳ гирифт, ҳарчанд маблағи моҳонаи он низ 5000 рубли русӣ мебошад. Барои он ки пули таҳсили яксоларо пайдо кунаду рӯзгоршро таъмин намояд, Афрошта ба кор даромад. Инчунин, хар моҳ волидонаш аз Тоҷикистон аз рӯзгори худ каму беш “канда”, ба ӯ мефиристанд. Вале ҳамаи ин барои як духтараке, ки ташнаи илм аст, намерасад. Зеро ӯ наметавонад ҳам кор кунаду ҳам аз субҳ то шом дар китобхона бошад. Бо мақсади сабуктар кардани боре, ки ӯ ба дӯши худ гузоштааст, ба Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон мурочиат намуд ва дар асоси он мактуб ин вазорат ба Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон мурочиат кард, аммо то ҳол натиҷае нест...

“Ҳоло, рости гап таҳсили минбаъдаи ман зери суол рафтааст. Зеро наметавонам дар танҳоӣ ин борро кашам. Мақсади ягонаи ман касби худро ба дараҷаи олӣ омӯхта, ба халқу Ватанам хизмат кардан аст. Мавзӯи илмие, ки ман сари он кор карда истодаам, барои рушди минбаъдаи авиатсияи Тоҷикистон зарур аст. Аммо чӣ кор кунам, ки дар ин ҷода ҳайрон мондаам...”,- менависад Афрошта...

Шояд беэътиноӣ нисбат ба як мутахассиси ҷавон ва он ҳам нафаре, ки баҳри таҳсили худ омодааст тамоми мушкилоти молию маънавиро таҳаммул кунаду дар риштае таҳсил намояд, ки дар он ҳоло мутахассисони хориҷиро бо маблағи калон киро мекунанд, аз рӯи инсоф аст?

Мардуми дорои дастбахайри мо омодаанд, ки аввал ба ҳаҷ раванд ва агар ба ҳаҷи фарзӣ рафта натавонанд, ҳатман бояд чанд бор ҳаҷи умра раванд ва ё ба касе хона тухфа кунанд, чиҳоз диханд ва ё хайру худоӣ кунанду бо ҳамин номашонро дар байни мардум боло баранд. Аммо то ҳол каси дороеро дар ёд надорам, ки таҳсили донишҷӯи болаёқат, вале камбизоатеро ба дӯш гирифта бошад. Агар чунин мебуд, ин шахс на танҳо барои имрӯзи миллат, балки барои фардои он низ хизмат мекард.

Ёд дорам, ки яке аз устодони аввалини ман Нурулло Зикруллозода нақл карданд, ки дар замони Шӯравӣ, солҳои сиюми қарни бистум, вақте ки дорулмуаллиминро бо сарулибос ва ҷои хобу хӯроки бепул хатм карда, чун муаллим ба кор оғоз намуданд, ба ивази маоши аввалинашон аспе харида, ду пои хӯрҷинашонро аз бозор бо тухфаю шираворӣ пур карда, аз маркази ноҳия ба хонаашон рафта будаанд. Он кас бо шӯхӣ мегуфтанд, ки “спонсорашон худи Ҳукумати Шӯро” буд. Мутаасифона, имрӯз чунин “спонсор” наметавонад ҳамаро бо ғамхорӣ фаро гирад. Пас, ақаллан ҳамонҳоеро бояд дастгирӣ кард, ки ба қавли мардум “ояндадоранд” ва яке аз чунинҳо Афрошта аст, ки айни замон ба чунин назари падарона ниёз дорад...

Афрошта дар хотимаи мактубаш менависад: “Ректори Донишгоҳи давлатии техникии авиатсионии шаҳри Маскав ба ман гуфтанд, ки агар ҷониби Тоҷикистон ба мо расман мурочиат кунад, мо барои гузаронидан ба гурӯҳи буҷавӣ кумак мекунем... Дар ин миён ширкатҳои авиатсионие низ пайдо шуданд, ки мегӯянд, таҳсили маро спонсорӣ хоҳанд кард, аммо баъд аз таҳсил бояд дар он ширкатҳо кор кунам. Аммо ман духтари Тоҷикистонам ва Тоҷикистон бароям Ватани аҷдодӣ аст. Дар хоку обу он ба воя расидаам ва танҳо ба Ватани худ ва мардуми худ хизмат кардан мехоҳам. Дар кадом ҳолате набошад, ин азми қатъии ман аст...”.

Айни замон оё дар Ватани аҷдодии Афрошта сохторе ва ё шахсияте пайдо мешавад, ки дастгири ин духтари ватанпарасту мутахассиси болаёқати оянда шавад?

**А. АҲМАДЗОДА,**
**журналист**

# ХАРҶИ 30 ҲАЗОР ТОННА АСФАЛТ

## дар мавсими нави таъмир IRS чунин тасмим дорад





**Шояд баъзеҳо надонанд, ки аз аввали фаъолият IRS, ки баъзе «дӯстон» рисолати филиали онро танҳо «пулчинӣ» медонанд, таъмири куллӣ ва ҷории роҳро шуруъ карда, дар муддати 15 сол IRS зиёда аз 2,5 миллион метри квадратии роҳи Душанбе - Чаноқро таъмиру азнавсозӣ намуда, бо ин мақсад қариб 400 ҳазор тонна асфалт сарф кардааст.**



Омили мазкур ба он вобаста аст, ки бо назардошти мавқеи ҷуғрофии ҷойгиршавӣ роҳи Душанбе - Чаноқ нигоҳубини 24 соатро тақозо дошта, дар сурати каме бетафовутӣ ба нигоҳдории он пайомад ногувор хоҳад буд. Ашхоси огоҳ хуб медонанд, ки таъмири роҳ махсусияти худро дорад, ки дар мавсими муайян амалӣ намудани ин кор яке аз онҳост. Аз ин лиҳоз, бо фарорасии мавсими гармо ин раванд шуруъ гардида, дар ин замина нуқсонҳои роҳи зикршуда бартараф мешаванд.

Имсол низ чун солҳои қаблӣ муносибати масъулини филиали Ширкати саҳомии "Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро шудани ин кор ҷиддӣ буда, корхонаҳои истеҳсоли асфалт ва техникаҳои барои таъмир махсусгардонидашуда баъд аз таъмиру навсозӣ барои пешбурди фаъолият пурра омодаанд.

Қобили зикр аст, ки қаблан дар масири роҳи Душанбе - Чаноқ ягон корхонаи истеҳсоли асфалт ва дигар масолеҳи сохтмонии барои бахши роҳсозӣ зарур вуҷуд надошт. Бо ибтикори IRS тӯли 15 сол дар минтақаи Варзоб 3 завод, Зарафшон - 3, Суғд - 4 , дар маҷмӯъ 10 корхона мавриди истифода қарор гирифтанд.

Чанде пеш мавсими нави таъмиру таҷдиди роҳи Душанбе - Чаноқ оғоз гардида, дар назар аст, ки соли равон барои ин кор зиёда аз 30 ҳазор тонна асфалт харҷ мешавад. Муҳимтар аз ҳама, барои таъмири роҳ мутахассисони ҳирфай ва техникаву механизмҳои замонавӣ ҷалб шуда, садҳо километр таъмири ҷорӣ ва даҳҳо километр роҳ таъмири куллӣ хоҳад шуд. Лозим ба ёдоварист, ки солҳои қаблӣ бо ин мақсад ҳамасола аз 25000 то 54000 асфалт харҷ шудааст.

# КОМИССИЯИ МАКЕЕВ

## ва масъалаи ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил додани ҶМШС Тоҷикистон

**16-уми октябри соли 1929 Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон табдил дода шуд. Дар натиҷа Ҷумҳурии Шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии сотсиалистӣ гардид, ки ин воқеа барои тоҷикон аҳамияти махсусан бузурги таърихӣ дошт. Зеро, агар ҶШС Тоҷикистон таъсис намеёфт, мо бо пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба истиқлоли давлатӣ ноил гашта наметавонистем.**



*Маҷлиси нахустини Ҳукумати навтаъсиси ҶШС Тоҷикистон. Аз рост ба чап роҳбарияти ҷумҳурӣ Н. Махсум, Азимҷон Акчурин, Б. Толпиго, Чеслав Путовский*

Аммо бунёд гардидани ҶШС Тоҷикистон ҳам, ба мисли ҶМШС Тоҷикистон, чандон кори осон набуд. Маълум аст, ки пеш аз бунёди ҷумҳурии мухторӣ, махсусан дар арафа ва гузаронидани тақсимоти ҳудуди миллӣ соли 1924, чӣ тавре Президенти мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд, "... ҳастии миллати тоҷик ва давлатдории тоҷикон..." инкор карда мешуд. Зеро, "... дар он марҳилаи басо тақдирсози таърихӣ зимомдорони давр ва як зумра шахсони ғаразнок бо ҳамдастии баъзе афроди ноогоҳ ва шахсиятҳои бегонапараст адолати таърихиро поймол намуда, мехостанд дар масоили шинохти миллат ва шумораи аҳолӣ манфиатҳои миллӣ ва иҷтимоиву иқтисодии тоҷиконро пушти по зананд".

Албатта дар чунин шароити сахти мукобилияти туркпарастон, ки аксари роҳбарони ҷумҳуриҳои Туркистону Бухоро бо он олуда гардида буданд ва дар байни чунин роҳбарон ба монанди Абдулло Раҳимбоев, Файзулло Хоҷаев, Абдурауф Фитрат ва ғайраҳо, ки бароমадашон тоҷик буду вазифаҳои масъултаринро ишғол мекарданд, вале аз миллати худ даст кашида, ҳатто мавҷудияти тоҷиконро инкор мекарданд, худ таъсиси ҶМШС бо номи Тоҷикистон, воқеаи бузурги таърихӣ, як зарбае ба туркпарастон ва миллатфурӯшон буд.

ҶМШС Тоҷикистон дар гӯшаи хело қафомондаи Осиёи Миёна, ки он вақт "Бухорои Шарқӣ" меномиданд, таъсис ёфт ва он ба ҳайати ҶШС Ӯзбекистон дохил мешуд. Мураттибони чунин нақша лоиҳаи худро бо он асоснок мекарданд, ки ҶШС Ӯзбекистон нисбатан ҷумҳурии пешрафта аст ва барои бартараф намудани қафомондагии ҶМШС Тоҷикистон гӯё кумак мерасонад.

Дар замони мавҷудияти Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон, аксари арбобони он масъалаи тоҷиконро то ҳанӯз пурра ҳалнашуда ҳисобида, ба ташкилотҳои гуногуни иттифоқӣ арзу шикоятҳо фиристодаанд. Дар ин асос онҳо дар назди ташкилотҳои иттифоқӣ борҳо масъалаи ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил додани ҶМШС Тоҷикистонро гузоштаанд.

Нусратулло Махсум ҳанӯз дар замони сарвари Кумитаи иҷроияи маркази Бухорои Шарқӣ буданаш бо маводҳои тақсимоти ҳудуди миллии Осиёи Миёна шинос шуда, бо ибораи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, ки дар маросими кушодани нимпайкараи Нусратулло Махсум гуфтаанд, ҳамчун «... ватандӯсту ватанпарасти асил...» аввалин шуда, беадолатиҳоеро, ки нисбати тоҷикон зоҳир гардидааст, эҳсос намуда, нисбати он овози эътирози худро баён кардааст. Ҳанӯз сентябри соли 1924 Нусратулло Махсум ба номи И. В. Сталин, ки котиби генералии КМ ҲК (б) Русия буду масъалаи миллиро маҳз ӯ назорат мекард, махсус мактуб навиштааст. Ҳамон лаҳза маърakai тақсимоти ҳудуди миллӣ дар Осиёи Миёна дар арафаи анҷомёбӣ буд ва ба тоҷикон танхо ҳуқуқи «вилояти мухторӣ»-ро медоданд. Инак, дар он мактуб Нусратулло Махсум И. В. Сталинро хотиррасон намудааст:

*1). Сарҳади «вилояти мухтории Тоҷикистон» нодуруст муайян карда шудааст. Зеро, бисёре аз маҳалҳои тоҷикнишин дар ҳудуди Ӯзбекистон мондааст.*

*2). Қарори ба ҳайати Ӯзбекистон дохил шудани Тоҷикистон, ҳамчун вилояти мухторӣ, бо ҳуқуқи миллии тоҷикон барои худмуайянкунӣ мутобиқат намекунад, ҳол он ки ба ӯзбекҳо ва туркманҳо ҳуқуқи ҷумҳурии иттифоқӣ дода шудааст.*

Аз ин рӯ Нусратулло Махсум муроҷиат мекард, ки ба Тоҷикистон ҳам, мисли Ӯзбекистон ва Туркманистон ҳуқуқи бунёди ҷумҳурии иттифоқӣ дода шавад.

6-уми июни соли 1929 бюрои сиёсии Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти (болшевикии) Умумииттифоқӣ масъалагузории аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон баромадани ҶМШС Тоҷикистон ва ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил доданро маъқул шуморид. 12-уми июни соли 1929 раёсати Кумитаи иҷроияи марказии ИҶШС, 17-уми июни ҳамон сол бюрои иҷроияи Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти (болшевикии) Ӯзбекистон низ чунин ҳалли масъаларо маъқул шумориданд.

Ҳанӯз 6-уми июли соли 1929 Бюрои Осиёимиёнагии Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти (болшевикии) Умумииттифоқӣ дар мавриди ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил додани ҶМШС Тоҷикистон нақшаҳои омодагиро тасдиқ намуд. Барои амалӣ намудани ин нақшаҳо 25-уми июл бо сарварии Макеев, ки ҷонишини раиси Шӯрои иқтисодии Осиёи Миёна буд, комиссияи махсус оид ба аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ҷудо намудани ҶМШС Тоҷикистонро таъсис доданд. Ин комиссияро вазифадор намуданд, ки аз 1-уми октябр, яъне то оғози буҷаи нави солона корҳои муайян намудани сарҳади байни ҶШС Ӯзбекистон ва ҶМШС Тоҷикистонро ба итмом расонад. Комиссияи номбурда бо сарварии Макеев, бо танаффусҳо, аз 25-уми июл то 8-уми сентябри соли 1929 фаъолият намуд. Комиссияи Макеев вазифадор буд, ки арзу шикоятҳои ҳарду тараф - ҶМШС Тоҷикистон ва ҶШС Ӯзбекистонро омӯхта, хулосаҳои зарурӣ барорад. Дар ҷамъомадҳои он дар байни намояндагони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон баҳсу мунозираҳои тезутунд ба амал омаданд. Дар он намояндагии Тоҷикистонро А. Ҳоҷибоев ва намояндагии Ӯзбекистонро Р. Исломов сарварӣ мекарданд. Махсусан талаби тарафи Тоҷикистон дар бораи ба ҶМШС Тоҷикистон ҳамроҳ намудани Бухорою Самарканд ва ноҳияҳои атрофи онҳо, қисми округи Сурхандарё (оид ба Бойсун, Деҳнав ва Сариосиё), талаби тарафи Ӯзбекистон оид ба вилояти Қӯрғонтеппа, Конибодом, Исфара ва Нов боиси баҳсҳои тӯлонӣ гардиданд.

Аз ҷумла намояндаи Ӯзбекистон Р. Исломов даъво дошт, ки ҳарчанд аксарияти аҳолии ноҳияҳои Конибодом ва Исфара тоҷикон бошанд ҳам, аммо ин ноҳияҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ гӯё танҳо бо округи Фарғона иртибот доранд, ҳатто низоми ягонаи обёриро ташкил мекунанд, бинобар ин ноҳияҳои номбурда бояд ба ҳайати Ӯзбекистон гузаранд. Дар ҷавоб намояндаи Тоҷикистон А. Ҳоҷибоев таъкид намуд, ки округи Хуҷанд масъалаи баҳс шуда наметавонад. Зеро, дар вақташ ин округ бо қарори на ин ки органҳои тоҷикистонӣ, балки ӯзбекистонӣ таъсис дода шудааст. Бо ҳамин сабаб, округи Хуҷанд бояд дар ҳудуди хозирааш пурра ба ихтиёри ҶМШС Тоҷикистон гузарад.

26-уми июли соли 1929 сарвари комиссия Макеев дар баромади худ ба масъалаи Бухоро дахл намуда, мавҷеи нодурустро ишғол карда буд. Ба андешаи ӯ, гӯё «Бухоро барои тоҷикон луқмаи ноҷо» бошад, бинобар ин мухокима намудани онро лозим надонист. Ҳол он ки, барои санҷидани арзу шикоятҳо оид ба нодуруст ба рӯйхат гирифтани ҳайати миллии аҳолии Бухоро ва атрофи он комиссияи дигар ташкил карда буданд. Ин комиссия дар муҳлати ду моҳ шаҳрҳои Бухоро, Ғиҷдувон ва Паркентро омӯхта, ба хулосае омад, ки аксари аҳолии маҳалҳои санҷидашуда, махсусан шаҳри Бухоро ва атрофи он тоҷикон мебошанд. Дар ин маҳалҳои омӯхташуда «ҳеҷ кас забони ӯзбекиро намедонад, ҳама бо забони тоҷикӣ гап мезананд ва бо ҳамин забон доду фарёд мекунанд». Аммо Макеев хулосаи сарвари комиссияро оид ба Бухоро ба инобат нагирифта, талаб кард, ки маълумотҳои барӯйхатгирии соли 1926 асос ҳисоб карда шавад.

Ба ҳама маълум аст, ки барӯйхатгирии аҳолии соли 1926 пурра зери фишори туркпарастон ва ӯзбекпарастон гузашта буд. Камина солҳои 70-уми асри XX ҳангоми ҷамъоварии мавод аз собиқ бойгонии Институти марксизм-ленинизми ш. Москва (ҳоло Бойгонии давлатии таърихи иҷтимоию сиёсии Федератсияи Русия) бо ҳуҷҷатрӯйхатҳое шинос шудам, ки онҳо ба рӯйхатгирии аҳолии ҳамон соли 1926 дахл доштанд. Дар аксари рӯйхатҳо мардум ҳамчун «тоҷик» номнавис шудаанд. Аммо каси дигар аз болои он, аксар бо қалам, аз кунҷи поён ба боло, бо ҳарфҳои калон «ӯзбек» навиштааст. Афсӯс, ки он солҳо нусха гирифтан он тараф истад, ҳатто ба онҳо ишора карданро рухсат намедоданд.

А. Ҳоҷибоев Макеевро хотиррасон намуд, ки тарафи Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 1929 масъалаи ба ҶМШС Тоҷикистон ҳамроҳ намудани Бухоро ва Самарқандро гузошта буд. Дар баромадҳои худ ӯ бо далелҳои зиёд исбот мекард, ки Бухоро ва Самарқанд шаҳрҳои тоҷикнишин буда, бо тоҷикон ҷудонашавандаанд. Аммо сарвари комиссия - Макеев ба ин аҳамият надод. Ҳангоме, ки тарафи тоҷикон масъалаи ба ҶМШС Тоҷикистон ҳамроҳ намудани шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд ва Хуҷандро ба миён гузоштанд, сарварони ҳамонвақтаи Ӯзбекистон ба хулосае омаданд, ки муваққатан пойтахтро ба Самарқанд кӯчонанд.

Водии Вахш, ҳоло водии зархез ва сераҳолӣ низ соли 1929 мавзӯи баҳс қарор гирифта буд. Ин водӣ ҳамон лаҳза камаҳолӣ буда, дар як километри мураббаъ ҳамагӣ 0,9 нафар аҳолӣ рост меомад. Аксари онҳо туркзабон буда, бештар бо чорводорӣ машғул буданд. Тоҷикони ин водӣ дар солҳои 1921-1923 ба хоки Афғонистон фирор кардаанд. Бо кӯшишҳои Нусратулло Махсум қисме аз онҳо баргашта буданд. Р. Исломов талаб мекард, ки ин вилоят бояд ба Ӯзбекистон ҳамроҳ карда шавад. А. Ҳоҷибоев талаби ба Ӯзбекистон додани водии Вахш, яъне вилояти Қӯрғон-теппаро рад намуд. Ӯ таъкид намуд, ки соли 1924, ҳангоми тақсимоти ҳудуди миллӣ, дар ин вилоят дар ҳақиқат ӯзбекҳо аксариятро ташкил медоданд. Аммо дар муддати солҳои 1925-1929, дар натиҷаи азхудкунии водии Вахш ва аз ноҳияҳои кӯҳӣ муҳоҷир намудани одамон, дар ин вилоят ҳайати этникии одамон ба куллӣ тағйир ёфт. Дар натиҷа, соли 1929 дар вилоят шумораи тоҷикон 30,604 нафар, ӯзбекҳо бошанд, 20 ҳазор нафарро ташкил менамоянд.

Барои мухокимаи комиссияи махсус, ки Макеев сарварӣ мекард, масъалаи округи Сурхандарё ҳам гузошта шуда буд. Оид ба ин масъала А. Ҳоҷибоев талаб мекард, ки ноҳияҳои Деҳнав, Патта, Ҳисор ва Сари Осиё, ки аксари аҳолиашон тоҷикон мебошанд, инчунин шаҳри Термиз, ки аксари аҳолиаш русзабонҳо ҳастанд, бояд ба ҶМШС Тоҷикистон ҳамроҳ карда шаванд. Зеро, ноҳияҳои номбурда, якҷоя бо шаҳри Термиз, аз ҷиҳати иқтисодӣ бештар ба шаҳри Душанбе майл доранд.

**(Давомаш дар саҳ.10)**

# ИСЛОҲОТИ ИЛМ

## АЗ КУҶО БОЯД ОҒОЗ ШАВАД?



*Андешаҳо дар ҳошияи вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони соҳаи илму маориф*

**ВУРУД БА МАВЗУЪ.** Рӯзи 30-юми майи соли равон вохӯрии Роҳбари кишвар бо кормандони соҳаи илму маориф баргузор шуд. Дар суханронии худ Сарвари Тоҷикистон дастовардҳо, масъалаҳои муҳиму ҳалталаб ва боло бурдани тавонмандиҳои Тоҷикистон дар самти илму пажӯҳишро зикр карданд. Ҳамоиши мазкур замоне баргузор гардид, ки дар фазои расонаии байналмилалӣ чолишҳои ҷиддие барои имиҷи кишвар ва мардуми мо шакл гирифтаанд. Аз ин рӯ, густариши тавонмандиҳои миллӣ дар тамоми соҳаҳои афкорсозу имиҷсоз, аз он ҷумла илму пажӯҳиш, ҳамчунин, муаррифии бештари дастовардҳои илми ҷаҳонӣ дар дохил ва муосиркунии соҳа, ба вижа посухгӯй кардани он ба шароити ҷомеаи иттилоотӣ ба нафъи ҷомеаи мо хоҳад буд. Аҳамияти баргузории вохӯрии мазкурро метавон чунин асоснок кард:

**ЯКУМ**, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати иҷтимоиро дар авлавияти худ қарор дода, бахши бузурги буҷаи кишвар барои эҳтиёҷи ин соҳа сарф мешавад. Соҳаи илму пажӯҳиш барои расидан ба ҳадафҳои олӣ, ба вижа амалисозии Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 нақши ҳалкунанда дорад.

**ДУЮМ**, идомаи ислоҳоти соҳаи илму пажӯҳиш, ки бояд ҳамқадами тамоюлҳои ҷаҳонӣ бошад. Чун дар суханронии худ Сарвари кишвар ҷиддан таъкид карданд, ки давлатҳои пешрафта ин дастовардро дар заминаи рушди илму пажӯҳиш ба даст овардаанд. Аз ин рӯ, дар кишвар низоми санҷиши натиҷанокии фаъолияти илмию пажӯҳишӣ роҳандозӣ мегардад, ки як паҳлуи муҳими он интишори осори донишмандони тоҷик дар маҷаллаҳои маъруфи байналмилалӣ аст.

**СЕЮМ,** аз мазмуни суханронии Сарвари кишвар бармеояд, ки маблағгузории соҳаи илму пажӯҳиш ва маориф дар оянда боз меафзояд. Чун таъкид ба болобарии тавонмандиҳои инсонӣ дар кишвар бидуни илму пажӯҳиш ва маорифи ҷавобгӯй ба равандҳои муосири ҷаҳонӣ ғайриимкон аст. Афзоиши маблағгузории давлатӣ талабот ва интизориҳоро аз кормандони ин соҳаҳо низ бештар мекунад, ки як падидаи табиӣ аст.

Дар умум, андешаҳои консептуалӣ дар вохӯрӣ баён гардиданд, тамоми паҳлуҳои илму пажӯҳиши ватанӣ, ба вижа густариши дастовардҳо ва роҳҳои ислоҳи камбудиҳо арзёбӣ шуданд. Дар ҳошияи андешаҳои Роҳбари кишвар тасмим гирифтем чанд мулоҳизаю пешниҳодро ба таваҷҷуҳи ниҳодҳои ваколатдору масъули давлатӣ ва худи пажӯҳишгарони ватанӣ пешкаш кунем. Чун дар ин марҳила худи далели баргузории вохӯрӣ ва таҳлилу андешаҳои баёнгардида ҳеҷ фарди дилаш ба соҳаи илму пажӯҳиши кишвар месӯхтаро бетараф гузошта наметавонад. Аз ин дидгоҳ, андешаҳои зер мавқеи муаллифон буда, танҳо ба хотири пешрафти илму пажӯҳиш дар кишвар баён мегарданд.

**I.** *Нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи низоми Scopus ва Web of Science*

Як рукни муҳими эътирофи илму пажӯҳиш дар арсаи байналмилалӣ нашри осор дар маҷалла ва нашриёти маъруф мебошад. Агар чунин раддабандии ниҳодҳои илмию таълимии кишвар таҳия гардад, пас ба эҳтимоли зиёд аз рӯйи шумораи нашри мақолаҳо дар маҷаллаю нашриёти дар рӯйхати Scopus ва Web of Science буда пажӯҳишгоҳҳои самти илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқи АМИТ, факултаҳои илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқи ДМТ ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон мақоми баландро касб мекунанд, чун ҳамасола аз ҷониби кормандони онҳо чунин мақолаҳо зиёд ба нашр мерасанд.

Дар "Раддабандии кишварҳои ҷаҳон аз рӯйи сатҳи фаъолнокии илмию пажӯҳишӣ", ки аз тарафи Бунёди миллии илмии ИМА таҳия мешавад, Тоҷикистон дар соли 2019 дар байни 197 кишвар дар ҷойи 140 аст. Дар ин раддабандӣ Қазоқистон дар зинаи 61, Ӯзбекистон дар зинаи 99, Қирғизистон дар ҷойи 126 ва Туркманистон дар ҷойи 188 қарор доранд.

Мувофиқи нишондоди пойгоҳи SCImago Journal & Country Rank, ки онро дар асоси таҳлили маълумоти пойгоҳи Scopus (Elsevier BV) анҷом медиҳад, дар раддабандии кишварҳо аз рӯйи мақолаҳои илмӣ барои солҳои 1996-2023 Тоҷикистон бо нашри 3336 мақола дар ҷойи 147 қарор дорад (ниг. ба ҷадвал).

Агар ба мавзуъ бархӯрди қадима кунему ба натиҷаҳои ин раддабандиҳо аҳамият надиҳем, такмили соҳа сурат намегирад. Чун, ҳар қадаре пештар агар ба ин раддабандиҳо таваҷҷуҳ шавад, фурсат барои дидани худ дар назди оина имконпазир мегирдад.

Барои беҳтар кардани ҷойгоҳи кишвар дар раддабандиҳои мазкур роҳандозии чораҳои систематик лозиманд, ки ба ду омили зерин вобаста аст:

- *якум, эҷоди шароит ва ҳавасмандкунии олимону пажӯҳишгарон аз ҷониби роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ ва пажӯҳишӣ (таҷрибаи ҳавасмандкунии муаллифони мақолаҳои пойгоҳҳои Scopus ва Web of Science дар баъзе донишгоҳҳо ба мушоҳида мерасад);*
- *дуюм, омодагии касбии худи олимону пажӯҳишгарон, яъне то куҷо тавонмандиҳои онҳо ба таҳияи чунин мақолаҳо мерасад.*

Аслан маҷаллаҳои пойгоҳҳои Scopus ва Web of Science ду навъ мешаванд: маҷаллаҳои низоми анъанавӣ ва дастрасиашон кушод (Open access).

Маҷаллаҳои анъанавӣ барои нашри мақола аз муаллифон пул намегиранд, вале барои дастрасӣ ба мақолаҳои нашршуда аз хонанда пардохти муайянро талаб мекунанд. Дар ин ҳолат муаллифи мақола харoҷот надорад.

**(Давомаш дар саҳ. 13)**

**Дар ҷадвали зер нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар 6 соли охир оварда мешавад**





*Бунёдгузор ва сардухтури Бемористони чашмпизишкии Москва ва Италия, профессор Михаил Дмитриевич Пожаритский*

# АЗ ДИЛ

## Суҳбати Шариф Ҳамдампур бо чашмпизишки

### Вохӯрии тақдирсоз

**- Чӣ шуморо водор кард, ки офталмологияро ҳамчун соҳаи фаъолити касбиатон интихоб кардед?**

- Дар солҳои донишҷӯйӣ бахти ман хандиду бо профессори маъруф Святослав Николаевич Фёдоров, ки олими барҷаста ва навовар дар чамшпизишкӣ (офталмология) буд, вохӯрдам. Фаъолияти ӯ ба ман таассуроти амиқ бахшид. Фёдоров шахсе буд, ки бо дастовардҳои беназири илмиаш ҷаҳонро тағйир дод ва банда дар ҷавонӣ шарафи шогирдии ӯро доштам. Он замон ӯ дар беморхонаи шаҳрӣ кор мекард ва ман амалиётҳои ӯро мушоҳида мекардам. Аз ҳамон замон ба хулосае омадам, ки духтури чашм шавам ва ҳаёти худро ба ин соҳа бахшам. Дере нагузашта ёрдамчии шахсии ӯ шудам. Банда дар ибтидо мехостам, ки ҷарроҳ шавам ва суннати авлодиамонро идома диҳам. Панҷ насли хонаводаи мо умри хешро ба соҳаи тиб бахшиданд. Бобоям, модарам ва амаки ман табибони номдор буданд. Пас аз шиносоӣ бо профессор Фёдоров аз ӯ илҳом гирифта, чашмпизишкиро интихоб кардам. Аз он вақт инҷониб ҳаёти ман бо ин соҳа зич алоқаманд аст.

**- Таҳсил дар донишкадаи тиббӣ то куҷо ба офталмолог шудани шумо таъсир расонид?**

- Ман донишҷӯи хеле боғайрат будам ва ба ихтисосҳои гуногуни тиббӣ шавқ доштам. Дар аввал мехостам невропатолог шавам, баъд ба ҷарроҳии умумӣ рӯ овардам. Ҳар як ихтисоси тиббӣ ба назарам шавқовар ва муҳим менамуд. Аммо, вақте ки бо профессор Фёдоров вохӯрдам, ниҳоят самти хешро интихоб кардам.

### Таҳаввулоти чашмпизишкӣ

**- Аз давраи таҳсили шумо то имрӯз дар ташхис ва равишҳои табобати бемориҳои чашм чӣ гуна дигаргуниҳо ба вуҷуд омаданд?**

- Дар чашмпизишкӣ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Технологияҳои ҷадид ва маводҳои муосир ҳам дар ташхис ва ҳам табобати бемориҳои чашм таҳаввулоти азим ба вуҷуд оварданд. Навъҳои нави линзаҳо барои ҷарроҳии катаракта пайдо шуданд, ки нури чашмро афзун ва биноиро дар масофаҳои гуногун барқарор мекунанд. Дар ҷарроҳӣ ва табобати ретиналӣ (терапии сетчатки), аз ҷумла ретинопатияи диабетикӣ пешрафтҳои назаррас мушоҳида мешаванд. Самти истифодабарии маводи донорӣ, аз ҷумла пайвандсозии қарнойи чашм (роговица) дар ҳоли таҳаввулот аст. Имрӯз мо доруҳо ва сӯзандоруҳои нави дохили чашмро истифода мебарем, ки ҳатто нури чашми беморонеро, ки қаблан барои табобаташон умед набуд, нигоҳ медорад. Тараққиёти рӯзафзуни таҷҳизоти ташхис ва навовариҳо дар усулҳои муолиҷа чашмпизишкиро ба яке аз соҳаҳои пешрафтаи илми тиб табдил додааст.

**- Оё бемориҳои табобатнашавандаи чашм вуҷуд доранд?**

- Мутаассифона, бале. Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ як қатор бемориҳои табобатнашавандаи чашмро муайян кардааст. Инҳо аслан бемориҳое ҳастанд, ки саривақт пешгирӣ нашудаанд, бинобар ин, табобаташон ғайриимкон шудааст. Масалан, глаукома агар саривақт табобат нашавад, ба нобиноӣ оварда мерасонад. Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ бисёре аз бемориҳое, ки метавон бо усулҳои муосир табобат кард, ба далели камбуди маблағ ва дастрасӣ надоштан ба кумакҳои босифати тиббӣ боиси нобиноӣ мешаванд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки бемориҳои чашмро сари вақт ташхис ва табобат кард, то ба оқибатҳои вазнин мувоҷеҳ нашавем.

### Русия ё Аврупову Амрико?

**- Кадом дастовардҳои хешро дар чашмпизишкӣ муҳим арзёбӣ мекунед?**

- Ифтихор мекунам, ки дар чашмпизишкӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудаам. Имрӯз, дар синни 63-солагӣ дониши васеъ, таҷрибаи бой ва малакаи нағзро соҳиб шуда, ҳамарӯза ташхису табобат ва ҷарроҳиҳои мураккаб анҷом медиҳам. Дар назди мутахассисони пешрафтаи ҷаҳон таҳсил кардам, Дипломи Иттиҳоди Аврупоро дар Италия гирифтам ва дар ИМА таҳсил кардаам. Саъю кӯшиш ва худомӯзии доимӣ ба банда имкон медиҳад, ки дар муолиҷаи беморон ба натиҷаҳои назаррас ноил шавам. Хурсандам, ки беморонам аз натиҷаи табобаташон қаноатманданд ва ҳамкорон маро ҳамчун мутахассис ва омӯзгор эҳтиром мекунанд.

**- Чаро шумо тасмим гирифтед, ки дараҷаи тахассуси худро дар Италия гиред ва он ба малакаи кориатон чӣ таъсир расонд?**

- Устоди ман профессор Фёдоров ба ҷорӣ намудани усулҳоиислоҳи наздикбинӣ (близорукост) ва гузоштани линзаҳои сунъӣ фаъолона шуруъ намуд, ки ин диққати аҳли илми ҷаҳонро ҷалб кард. Ба Москва аз мамлакатҳои гуногун, хусусан аз Аврупои Ҷанубӣ беморон меомаданд. Бо мақсади васеъ кардани ҷуғрофияи ҳузури худ соли 1990 банда ба Италия рафтам ва аз он ҷо дипломи тахассусӣ гирифтам. Имрӯз мо дар Италия клиника дорем, фарзандони ман низ дар ин соҳа кор мекунанд ва мо ба беморон аз тамоми ҷаҳон хизмат мерасонем.

**- Бисёре аз мутахассисони дараҷаи олӣ Амрико ё Аврупоро интихоб карданд. Чаро дар Русия мондед?**

- Ман Русияро сахт дӯст медорам. Ин ҷо хонаи ман, оилаи ман, решаҳои ман аст. Сарфи назар аз имкони кор дар хориҷа, ман дар Русия худро роҳат ҳис мекунам. Дар ин ҷо кор кардан ба ман имкон медиҳад, ки барои кишварам ва беморонам муфид бошам.

**- Дар давоми муошират бо шумо дарк кардам, ки шахси интернатсионалист ҳастед. Ин аз куҷо маншаъ мегирад?**

- Ростӣ, дар бисёр масъалаҳо - чӣ дар сиёсати дохилӣ ва чӣ дар сиёсати байналмилалӣ ақидаи худро дорам. Ман худро одами озоди дунё медонам. Ман дар Русия зиндагӣ мекунам, зеро ин ҷо ба ман писанд аст. Агар мехостам, дар Италия ё Амрико зиндагӣ мекардам, зеро шаҳрвандии Италияро низ дорам. Аммо ман дар ҷое зиндагӣ карданро интихоб мекунам, ки худро роҳат ҳис кунам. Ман бо онҳое, ки ба ман писанданд, муошират мекунам, ки ин ҳаёти маро ҷолиб ва шодмон мекунад. Дӯстони зиёд дорам - варзишгарони маъруф, рассомон, навозандагон, рӯзноманигорон. Бисёр рӯзноманигорон, дипломатҳо ва кормандони сафоратҳоро табобат ва ҷарроҳӣ кардаам. Ин ҳаёти пурҷӯшу хурӯши ҷамъиятиро ба вуҷуд меорад. Ман инчунин аз имкони шиносоӣ бо Тоҷикистон ва шаҳрвандони он, ки дар клиникаи мо кор мекунанд ва ба мо кумак мерасонанд, миннатдорам. Ин воқеияти нави ҳаёти мост ва рӯзгори моро рӯз аз рӯз ғанитар мегардонад.

### Аз стресс то шодӣ

**- Лутфан дар бораи ҳолатҳои ҷолибтарин ва душвортарин дар тӯли 40 соли кориатон ба мо нақл кунед.**

- Ҳамарӯза воқеаҳои ҷолиб ва душвор пешорӯйи мо қарор мегиранд. Мо реҷа надорем, зеро ҳар як бемор, ҳар як ташхис, ҳар як амалиёт беназир аст ва дониш, омӯзиш, таҷҳизот ва малакаи хосро талаб мекунад. Мо ҳар рӯз бо оризаҳо мубориза мебарем, пайванди бофтаҳои донорӣ, ҷарроҳии барқарорсозии босираро шуруъ аз кӯдакон то калонсон анҷом медиҳем. Ин ҳолатҳо ҳеҷ гоҳ маъмулӣ намешаванд. Ҳар як амалиёти мураккаб стресс меорад, аммо ҳангоми ба даст овардани натиҷаи хуб, дар пай шодӣ дорад. Беморон аксар вақт намефаҳманд, ки парвандаҳои онҳо то чӣ андоза мураккаб буда метавонанд ва мо мекӯшем, ки онҳоро натарсонем ва ҳама корро мекунем, то натиҷаи хуб ба даст орем. Баъзан барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ соатҳо ҷарроҳӣ мекунам ва чунин ҳолатҳо ҳар рӯз бо ман рӯй медиҳанд. Ҳолатҳои кухна фаромӯш мешаванд, аммо наваш ҳамеша дар пеши назарам аст. Ман аксар вақт ҳатто шабона



*Михаил Дмитриевич Пожаритский бо академик Святослав Николаевич Фёдоров*

# БА ДИДА

## пешбари Русия ва Италия, профессор Пожаритский Михаил Дмитриевич

дар мавриди амалиётҳои ҷарроҳӣ андеша мекунам.

**- Метавонед ягон ҳолати душворро мисол оред?**

- Албатта. Дар ҷарроҳӣ ҳолатҳои гуногуни душвор, аз қабили хунравӣ ё ягон ҳолати ғайричашмдошт вуҷуд доранд. Кори дастаҷамъона хеле муҳим аст. Анестезиологи мо, профессор Николаев, ки ба қарибӣ 80-сола шуд ва Барандаи мукофоти давлатӣ барои ихтирои анестезияи ксенонӣ аст, дар коллективи мо нақши калон мебозад. Бо шарофати таҷриба ва дастгирии ӯ мо беморони мураккабро қабул мекунем, ҳатто беморони вазнинро. Масалан, ман чанде пеш занеро ҷарроҳӣ кардам, ки синнаш аз 90 боло буду танҳо як чашм дошт. Хешовандон аз ҷарроҳӣ метарсиданд, аммо вай барои амалиёт исрор мекард. Хушбахтона, натиҷа аз интизориҳо беҳтар буд. Вай чунон шод буд, ки 18-сола менамуд. Чунин лаҳзаҳо хотирмонанд...



*Шариф Ҳамдампур ҳангоми суҳбат бо профессор Михаил Дмитриевич Пожаритский*

### Пизишкӣ кор не, сарнавишт аст

**- Ба бемористони шумо шахсиятҳои шинохта ва хориҷиён зиёд муроҷиат мекунанд. Чӣ тавр ба ин ноил шудед?**

- Ба фикрам шуҳрати мо аз бемор ба бемор мегузарад, зеро мо маъракаҳои таблиғотӣ намегузаронем. Ба бемористони мо беморон аз тамоми ҷаҳон, аз ҷумла Амрико, Аврупо ва ҳатто Африкои Ҷанубӣ меоянд. Ин тасдиқ мекунад, ки бемористони мо дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудааст ва беморон ба мо эътимод доранд. Барои ман чашмпизишкӣ кор не, балки сарнавишт ва зиндагӣ аст. Духтур будан маънои бе иду рӯзҳои истироҳат кор кардан аст, мисли бобои бузургворам, ки дар Москва шабу рӯз кор мекард. Ба наздикӣ ба ман соати сеюними саҳар ҳамкорам, ки аз дарди чашм ба ташвиш афтода буд, занг зад. Ман дар давоми ним соат алакай дар ҷойи кор будам, то ба ӯ кумак расонам. Ин барои ман як кори муқаррарист. Мо 24 соат дар як шабонарӯз кор мекунем.

**- Оё шумо байни беморони воломақом ва оддӣ марз мегузоред?**

- Ҳеҷ гоҳ. Ҳар як бемор бароям муҳим аст ва ман корамро бо ҷону дил ба ҷо меорам ва барои ноил шудан ба натиҷаи хуб талош мекунам. Ин рисолати шахсии ман аст ва онро новобаста аз вазъи бемор иҷро мекунам. Ман ҳам олигархҳо ва ҳам одамони бесарпаноҳро ҷарроҳӣ мекунам ва ҳамеша барои натиҷаи беҳтарин кӯшиш менамоям.

**- Кадом воқеаро гардиши бузург дар фаъолияти касбии хеш арзёбӣ мекунед?**

- Ба Италия рафтанамро бисёр муҳим медонам. Дар он ҷо ман роҳи худро аз сифр оғоз карда, обрӯю эътибор ёфтам. Бори аввал мустақилона, берун аз Ватан кор мекардам. Дар оғоз малака ва усулҳои табобати худро нишон додам, дере нагузашта муаллим шуда, ба ҷарроҳони дигар дар ҳолатҳои душвор кумак расонидам. Ин таҷриба як марҳилаи муҳим дар фаъолияти ман буд ва ман онро то имрӯз идома медиҳам.

### Фурӯш дар тиб нодуруст аст

**- Бисёре аз табибон ва марказҳои тиббӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ худро таблиғ мекунанд ва барои он пули зиёд сарф мекунанд. Аммо шумо ин корро намекунед. Чаро?**

- Барои ин вақт намеёбем. Зеро корамон хеле зиёд аст. Барои мисол, ман алакай дар ҳадди имкон кор карда истодаам. Сониян, таблиғ ва фурӯш дар тиб комилан нодуруст аст. Мо мол пешниҳод намекунем, муносибатҳои молию пулӣ надорем. Табибро аз рӯи дил интихоб кардан лозим аст, на тавассути интернет. Ҳарчанд, шогирдони ман дар шабакаҳои иҷтимоӣ муштариёни зиёд доранд ва баъзан тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва телевизион дар бораи мо маълумот нашр мешаванд. Бо вуҷуди ин, ман барои таблиғ вақт намеёбам. Ҳол он ки, дар ҷаҳони муосир ин ногузир аст ва шояд ман аз он ки синну солам ба ҷое расидааст, дар ин кор танбалӣ мекунам.

### Ташхис ва табобат

**- Кадом усулҳои муосири ташхиси бемориҳоро шумо самараноктар мешуморед?**

- Имрӯз мо томографҳои пуриқтидор дорем, ки имкон медиҳанд, то гавҳараки чашм, асаби оптикӣ ва ретина (сетчатка)-ро аз рӯи ҳуҷайраҳо ва қабатҳо омӯзем. Ташхиси барвақтӣ барои табобати саривақтии бемориҳо муассир аст ва барои ноил шудан ба натиҷаҳои беҳтар кумак мекунад. Таҷҳизоти муосири лазерӣ барои муолиҷаи ретина ва хороид (сетчатка и сосудистая оболочка), ки қаблан муолиҷа намешуданд, умед мебахшанд. Мо метавонем дегенератсияи макулярии вобаста ба синну сол, ашкҳои ретина, хунравӣ, тромбоз ва дигар патологияҳои рагҳоро табобат кунем. Ин ба мо барои муолиҷаи касалиҳои мураккабтарин имкониятҳои нав медиҳад.

**- Метавонед ба мо дар бораи технологияҳо ва усулҳои нави табобати бемориҳои чашм, ки феълан дастрас ҳастанд ва равишҳои табобатро тағйир додаанд, маълумот диҳед?**

- Албатта. Ҳатто дар низоми суғуртаи ҳатмии тиббӣ имрӯз доруҳои гаронбаҳо мавҷуданд, ки як вояи онҳо ҳудуди ҳазор доллар арзиш дорад. Масалан, мо беморони гирифтори макулопатияи синну солро табобат мекунем, ки пештар боиси нобиноӣ мешуд. Доруҳои нав барои нигоҳ доштани биноӣ кумак мекунанд ва доруҳои омехта барои табобати глаукома ба одамон имкон медиҳанд, ки биноиашонро ҳифз кунанд. Ҷарроҳии лазерӣ ва ултрасадо низ ба тарзи назаррас ба пешгирии нобиноӣ мусоидат мекунад. Мо имконияти бузурги усулҳои пешгирии нобиноиро дорем.

**- Тавсияҳои асосие, ки шумо барои нигоҳ доштани сиҳатии чашм ва пешгирии бемориҳо медиҳед, кадомҳоянд?**

- Пеш аз ҳама, шумо бояд мунтазам аз муоинаи духтури чашм гузаред. Чӣ қадаре ки муоина беҳтар шавад, мо метавонем патологияро зудтар муайян кунем ва табобатро оғоз намоем. Муоинаи мунтазам имкон медиҳад, ки бемориҳоро дар марҳилаҳои аввал муайян карда, ҳангоми табобат натиҷаҳои беҳтар ба даст орем.

### Аз ҳаёти шахсӣ то шуғли дӯстдошта

**- Чанд фарзанд доред ва онҳо дар кадом соҳаҳо фаъолият доранд?**

- Падари хушбахти се фарзанд ва бобои ду набера ҳастам. Духтарам номзади илм, дотсент, пизишки чашм аст, дар Италия кору зиндагӣ мекунад. Писари калониам ҳам табиб аст, дар Маскав ва Италия фаъолият дорад. Писари сеюми ман қаҳрамони шоҳмот аст, ду дараҷа дорад, иқтисоду барномасозиро меомӯзад ва ҳоло дар Ҳолланд зиндагӣ мекунад.

**- Шуғли писандидаи шумо чист ва вақти холии худро чӣ гуна мегузаронед?**

- Мутаассифона, вақти холӣ хеле кам дорам. Шуғли дӯстдоштаи ман саёҳат ва варзиши обӣ мебошанд. Мехоҳам вақти бештаре дошта бошам, то сафар кунам, бо одамони нав шинос шавам ва ҷойҳои навро бубинам. Орзу дорам, ки ба Тоҷикистон сафар кунам, Помир, кӯҳҳои Фонро бубинам, Душанберо тамошо кунам ва шахсан бо дӯстони тоҷик вохӯрам.

**- Мувозинат байни кор ва ҳаёти шахсии худро чӣ тавр нигоҳ медоред?**

- Фаъолияти касбӣ барои ман бисёр муҳим аст ва вақти бештари ман ба он сарф мешавад. Ҳаёти шахсиамро бошад, оилаву фарзандону набераҳоям рангин мекунанд. Кӯшиш мекунам, ки вақтамро бо онҳо гузаронам.

**- Барои шумо арзиши асосӣ дар зиндагӣ чист?**

- Шодмонӣ. Аз шодии дигарон, шифои беморонам, сулҳ дар рӯи замин, набудани ранҷу азоб шодмон мешавам. Мехоҳам, ки ҳама шодмон бошанд.

**- Дар кор чӣ шуморо рӯҳбаланд мекунад?**

- Вақте бемореро мебинам, ки пас аз ташхису табобати ман шифо ёфтааст ва бино шудааст, хурсанд мешавам. Ин ҳолатро тасвир карда намешавад. Ин аз ҳама чиз арзишмандтар аст, зеро ман дар як воқеаи бузург - шифо ёфтани нафаре саҳм мегирам.

### Умед ба оянда

**-Ояндаи чашмпизишкиро дар 10-20 соли наздик чӣ гуна мебинед?**

- Технология ва доруворӣ хеле босуръат рушд мекунанд. Мо ба табобати ҳатто бемориҳои ба назар табобатнашаванда шуруъ мекунем. Бо дастгирӣ ва маблағгузории давлат ҳатто гурӯҳҳои камдаромад метавонанд ба фанновариҳои муосир дастрасӣ пайдо кунанд. Дар бораи кам шудани беморӣ ва дарозумрии фаъол сухан рондан мумкин аст. Бемориҳо зуд ва самаранок табобат мешаванд ва давлат дар ин раванд ширкат меварзад...

**- Ба мутахассисони ҷавон чӣ маслиҳат медиҳед?**

- Хонед, забонҳоро омӯзед ва малакаи хешро такмил диҳед. Феълан, мо ба як маҷмӯаи байналмилалии дониш дастрасӣ дорем, ки кумак мекунад, то табибони хуб шавем ва бемориҳоеро, ки роҳи табобаташонро намедонистем, табобат кунем.

**- Оё шумо нақшаҳои корӣ доред? Кадом лоиҳаҳоро дарояндаи наздик амалӣ карданӣ ҳастед?**

- Мо соҳаҳои марбут ба пайвандсозии бофтаҳо ва ҷарроҳии ретинаро инкишоф медиҳем. Ман умедворам, ки дар кумак ба ин беморон саҳм мегузорам.

**- Ба хонандагони мо чӣ орзу мекунед?**

- Сулҳ, некӣ, шодмонӣ, саломатӣ ва хушбахтӣ таманно дорам.

# ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БАРОИ МАНСАБДОРОНУ ЖУРНАЛИСТОН

## 153 нафар баъди хатм соҳиби шаҳодатнома шуданд






**Дар Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдори (ММКД)-и Донишгоҳи Осиёи Марказӣ (ДОМ) дар Душанбе маросими супоридани шаҳодатнома ба 153 нафар хатмкунандагони лоиҳаҳои «Забони англисӣ барои кормандони вазоратҳо ва мансабдорони давлатӣ» ва «Забони англисӣ барои журналистон» баргузор гардид. Дар маросими супоридани шаҳодатнома ба хатмкунандагони зинаҳои гуногуни забони англисӣ Намояндаи доимии АКДН дар Тоҷикистон Қозидавлат Қоимдодов, муовини Сафири ИМА дар Душанбе Кэрри Ли, корманди бахши робита бо ҷомеаи Сафорати ИМА дар Душанбе Амбер Ора ва директори ДОМ ММКД дар Тоҷикистон Фаррухшо Фрайдонов ширкат варзиданд.**

Лоиҳаҳои номбурда бо дастгирии молиявии Сафорати ИМА дар Душанбе амалӣ гардида, барои ҷалби кормандони вазорату кумитаҳои давлатии Тоҷикистон ва намояндаҳои ВАО ба омӯзиши забони англисӣ нигаронида шудаанд. Ҳадаф аз лоиҳаи забони англисӣ барои вазоратҳо ва хизматчиёни давлатӣ такмил додани малакаҳои забони англисӣ барои муошират дар чорабиниҳо ва иҷрои вазифаҳои ҳаррӯза мебошад. Лоиҳаи "Забони англисӣ барои журналистон" курсҳои забони англисиро барои мутахассисони ВАО, аз қабили рӯзноманигорон, муҳаррирон, коргардон ва хабарнигорон пешниҳод мекунад, то забони англисии худро барои фаъолияти минбаъда дар ВАО ва малакаҳои касбиро дар амал такмил диҳанд.

«Мувофиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ роҳбарияти АКДН ва ДОМ уҳдадор шудаанд, ки намояндагони сохторҳои давлатиро дар такмили дониши забонии онҳо бо мақсади мусоидат ба такмили ихтисос ва қобилияти муошират бо ҳамкасбони байналмилалӣ баланд бардоранд»,- қайд кард Қозидавлат Қоимдодов, намояндаи доимии АКДН дар Тоҷикистон зимни суханронӣ.

Хатмкунандагони барнома сатҳҳои гуногуни забони англисӣ барои муошират, забони англисӣ барои мақсадҳои таълимӣ, забони англисӣ барои ВАО ва омодагӣ ба имтиҳони байналмилалии TOEFL-ро бомуваффақият хатм карданд.

Аз оғози ин лоиҳаҳо ДОМ ММКД алакай зиёда аз 400 нафар кормандони вазорату кумитаҳои давлатӣ, аз ҷумла вазоратҳои корҳои хориҷӣ, корҳои дохилӣ, маориф ва илм, энергетика ва захираҳои об, меҳнат ва муҳоҷират, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро омӯзонидааст.

Ҳадафи ин барнома ба омӯзиши забони англисӣ фаро гирифтани хизматчиёни давлатӣ ва кормандони вазорату кумитаҳои давлатии Тоҷикистон мебошад. Ин ташаббус ба онҳо имкон медиҳад, ки бо шарикони рушд, сафоратҳо ва донорҳо муошırати муассир дошта бошанд ва ба таҷрибаи беҳтарини ҷаҳонӣ дар соҳаҳои марбут ба кори худ дастрасӣ пайдо кунанд.

Барномаи забони англисӣ барои рӯзноманигорон бошад, имкон медиҳад, ки ба ахбор бо забони англисӣ дастрасӣ пайдо кунанд, мусоҳибаҳо гузаронанд ва ба забони англисӣ мақола нависанд. Он ба баланд бардоштани донишҳои грамматикӣ, луғатомӯзӣ ва малакаҳои навиштан тавассути фарогирии мавзуҳо доир ба рӯзноманигорӣ ва ахбори ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, мавод ва усулҳои таълимии барнома барои таҳкими тафаккури таҳлилӣ, инчунин малакаҳои суханронӣ пешбинӣ шудаанд.

Кэрри Ли донишҷӯёнро бо дастовардҳояшон табрик намуда, ба ДОМ ММКД барои татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳо изҳори сипос намуд. «Мо ҳамкориҳои деринаи Сафорати ИМА ва Мактаби таҳсилоти касбӣ ва давомдори Донишгоҳи Осиёи Марказиро қадр мекунем. Ҳамчунин, ба гурӯҳҳои англисӣ барои рӯзноманигорон ва забони англисӣ барои мансабдорони давлатӣ, аз ҷумла ба муаллимон, барои пайвастанашон ба ин лоиҳаҳо дар ду соли охир изҳори сипос менамоям”,- гуфт номбурда.

Бояд гуфт, ки имрӯз хадамоти АКДН бо барномаҳои мухталиф дар 46 ноҳияи Тоҷикистон, аз ҷумла вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ фаъолият доранд.

ДОМ бошад, соли 2000-ум аз ҷониби ҳукуматҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва роҳбари АКДН Аълоҳазрат Оғохон таъсис дода шудааст. Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдори (ММКД) ДОМ дар Тоҷикистон давоми 18 сол тавонист бо суръати баланд рушд кунад ва беш аз 131859 донишҷӯёнро фаро гирад. Имрӯз 7 ММКД дар Тоҷикистон (Душанбе - 3, Хоруғ - 2, Бохтар, Хуҷанд ва Кӯлоб) таъсис дода шудааст.

# КОМИССИЯИ МАКЕЕВ

(Аввалаш дар саҳ.6)

Аммо намояндаи Ӯзбекистон Р. Исломов даъво мекард, ки ин ноҳияҳо ва шаҳри Термиз гӯё аз ҳар ҷиҳат майл ба Ӯзбекистон доранд.

Ниҳоят, он комиссияи махсус ба хулосае омад, ки округи Хуҷанд дар ҳудуди ҳамонвақтааш, пурра ба ҶМШС Тоҷикистон дода шавад. Масъалаи Бухоро ва Самарқанд ҳоло муҳокима карда нашавад. Таъкид гардид, ки Тоҷикистон ин масъалаҳоро метавонад махсус ба миён гузорад. Бо сабаби он, ки округи Хуҷанд аз ҳисоби ҶШС Ӯзбекистон ба ихтиёри ҶМШС Тоҷикистон мегузарад, бинобар ин талаби тарафи Тоҷикистон оид ба қисми округи Сурхандарё қонеъ карда нашавад.

Намояндагони ҶМШС Тоҷикистон А. Муҳиддинов ва Нисормуҳаммадов оид ба муҳокима нагардидани масъалаи Бухоро ва Самарқанд эътироз баён карданд. Онҳо талаб мекарданд, ки шаҳрҳои номбурда, бо деҳаҳои аксар тоҷикнишин, инчунин шаҳри Термиз бояд ба ҶМШС Тоҷикистон ҳамроҳ карда шаванд.

Бояд таъкид кард, ки ҷӣ ҳангоми тақсимоти ҳудуди миллии соли 1924 ва ҷӣ ҳангоми ҳалли масъалаи ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил додани ҶМШС Тоҷикистон, бо такя ба тезиси беасоси «иртиботи иқтисодӣ» рад карда мешуд. Зеро, ҳар ду тараф ҳам махсус ба он такя намуда, масъаларо ба фоидаи худ ҳал карданӣ мешуданд. Дар чунин ҳолат мавқеи раиси комиссия - Макеев гӯё ҳалкунанда мебуд.

Ба андешаи мо, барои нисбати тоҷикон одилона ҳал намудани масъалаи миллӣ роҳбарияти ҳизбию давлатии Иттифоқ, пеш аз ҳама худи И. В. Сталин чандон майлу рағбат надоштанд. И. В. Сталин, ки на танҳо муайянкунандаи сиёсати миллии Иттифоқ буд, балки сарварии бутунии онро ба уҳда дошт, эҳтимол намехост, ки дар Осиёи Миёна тоҷикон соҳиби ҷумҳурии бонуфуз бошанд. Ӯ ҳарчанд нисбати тоҷикон суханҳои хеле хуб гуфтааст, бо таъриху фарҳанги ин халқи қадима шинос гардида, ба он баҳои баланд додааст, аммо аз ислоҳ намудани хатоҳои ҷиддӣ нисбати тоҷикон, ки ин корро карда метавонист, худдорӣ намуд. Зеро, дар ҳолати ҳамсарҳад будани Тоҷикистон бо чунин давлатҳои ҳамзабони хориҷӣ, ба монанди Афғонистон ва Эрон, ки бештар бо Давлати Шӯравӣ муносибати хуб надоштанд, эҳтимол бонуфуз гардидани Тоҷикистон чандон ба манфиати Иттиҳоди Шӯравӣ набуд. Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад, ҳарчанд бонуфуз гардад ҳам, бо ягон давлати ҳамзабони худ ҳамсарҳад шуда наметавонист ва қавӣ дар доираи Иттифоқ мемонд. Маҳз бо ҳамин мақсадҳо сарварони тақдирмуайянкунанда ва тақдирсози Иттифоқ ҳангоми тақсимоти ҳудуди миллии соли 1924 рӯйрост, ба зарари тоҷикон, мавқеи ӯзбекпарастонро дастгирӣ кардаанд. Вагарна онҳо метавонистанд ҳангоми мураккабии масъала ба шарқшиносони номии Шӯравӣ, ба монанди В. В. Бартолд муроҷиат намоянд. Аммо ин корро накарданд. Чунки, хавфи онро доштанд, ки дар Осиёи Миёна пурра риоя кардани ҳақиқат эҳтимол сиёсати минбаъдаи онҳоро мураккаб намояд.

15-уми октябри соли 1929 дар шаҳри Душанбе анҷумани III фавқулодаи Шӯроҳои ҷумҳурӣ ба кори худ шуруъ кард. 16-уми октябр дар майдони назди Хонаи деҳқон (ҳозира ҷойи бинои Театри драммавии русии ба номи В. Маяковский), дар ҳузури намояндагони анҷуман, қисмҳои аскарони сурх ва мардуми аз гӯшаҳои гуногун омада, эъломия дар бораи ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон тадбил додани ҶМШС Тоҷикистон қабул гардид. Ҳамин тавр бо душвориҳои хеле зиёд Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт. Ҳамон лаҳза ба ҳайати ҷумҳурӣ Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, округҳои Хуҷанд, Уротеппа, Ҳисор, Ғарм, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Панҷакент шомил буданд. Ҳамин тавр Ҷумҳурии Тоҷикистон узви ҳафтуми ИҶШС гардид.

Комиссияи махсуси бо сарварии Макеев таъсисдодашуда 8-уми сентябри соли 1929, гӯё вазифаи худро иҷро кард, барҳам дода шуд. Аммо бисёре аз талабу дархостҳои тарафи Тоҷикистон аз тарафи ин комиссия ба инобат гирифта нашуд.

**Намоз ҲОТАМОВ,**
**профессор**

# МАНЯК ДАР КОНИБОДОМ

## Дар як шаб ҷони 6 нафарро гирифт

**Шаби 28 ба 29-уми май дар шаҳри Конибодоми вилояти Суғд ду ҳодисаи куштор ба қайд гирифта шуд, ки дар пайи он 6 нафар, аз ҷумла ду ноболиғ ба қатл расиданд. Қаблан дар ҳудуди ин ноҳия 7 нафар аз ду оилаи дигар ба таври мармуз кушта шуда буданд. Ин фоҷеаҳо аҳолии Конибодомро ба таҳлука андохта, эҳтимоли пайдо шудани монякро ҳам ба миён овардааст.**




Мақомоти корҳои дохилии вилояти Суғд ин ду қазияи ахирро тасдиқ карданд. Сокининро ин ҳодисаҳо сахт нигарон намудааст.

Дар ин шаб сокини деҳаи Ҷаҳонзеб (пешина Қарачқум), ҳамшираи тиб Маҳбуба Ахмедоваи 38-сола ва ду фарзанди ноболиғаш Нозинин Ахмедова (16-сола) ва Дамирҷон Ахмедов (14-сола) кушта шуданд.

Ғайр аз ин, шаби 28 ба 29-уми май Зулхо Иброҳимови 50-сола, муовини директори мактаби №28-и деҳаи Санҷидзор ҳамроҳ бо бародар ва ҳамсари бародараш Абдуфаттоҳ Иброҳимови 46-сола ва Қурбонгул Иброҳимоваи 45-сола ба қатл расонида шуданд. Онҳо қирғизтабор буданд.

Аз ин оилаи қирғизҳо се кӯдак зинда монданд, ки яке ҳамагӣ 8-моҳа мебошад. Кӯдакон ҳоло ба ихтиёри давлат супорида шудаанд.

Маврид ба зикр аст, ки ин аввалин куштори гурӯҳӣ дар шаҳри Конибодом нест. Аз ҷумла, шаби 16 ба 17-уми апрел дар ҷамоати Ғафурҷон Ортикови шаҳри Конибодом часади як зану шавҳарро дар хонаашон пайдо карданд. Он вақт мақомоти корҳои дохилӣ гуфта буданд, ки дар часади зану шавҳар "нишонаи марги маҷбурӣ дида мешавад".

Аз ин пештар, 30-юми март дар манзили истиқоматиашон часади Майрам Шарипова, келинаш Фирӯза Шарипова ва наберагонаш Абӯбакр Шарипов, хонандаи синфи 3 ва Азиза Шарипова, хонандаи синфи 1-ум пайдо шуда буд, ки бо роҳи эҳтимоли буғӣ кардан ба ҳалокат расида буданд. Мақомот он замон эълон карда буд, ки онҳоро сарвари оила Муҳиддинбой Шарипови 65-сола ба қатл расонида, худро низ куштааст.

Вале баъди ду ҳодисаи охир байни мардум эҳтимоли пайванд доштани кушторҳо сухан меравад. Зеро ҳамаи ин кушторҳо тариқи буғӣ кардан сурат гирифтааст.

Феълан сокинони ҷамоати деҳоти Лоҳутии Конибодом ба таҳлука ҳастанд. Бархе аз сокинони деҳоти зикршуда хонаҳои худро тарк карда, ба дигар деҳаҳо паноҳ бурдаанд. Гарчанде мақомоти кишвар дар мавриди ин қазия изҳори назар накардаанд, вале сокинон пешниҳод доранд, ки амнияти онҳо пурзӯр карда шавад.

Бо пайдо шудани иттилои бештар, мо шуморо огоҳ хоҳем кард.

**Pressa.tj-ро дар шабакаҳои иҷтимоӣ пайгирӣ кунед!**

### РЕЗААХБОР

**3-юми май Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо супури як фармон Алимзода Ҳанифа Акбар - судяи Суди шаҳри Кӯлобро аз мақомаш барканор кард.**

Ин судя "бинобар содир намудани кирдоре, ки шаъну эътибори судяро паст мезанад, аз вазифаи судяи Суди шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон озод карда шавад",- омадааст дар фармони Президент. Вале мушаххасан гуноҳи судя гуфта нашудааст. Радиои Озодӣ менависад, ки судя ба гирифтани ришва гумонбар аст. Номбурда аз соли 2022 судяи Суди шаҳри Кӯлоб таъйин шуда буд.

***

**РВКД дар шаҳри Душанбе хабар медиҳад, ки Асадулло Қарақулов, ки шабакаи шахсии худро дар Youtube бо номи Асадуллои Алӣ пеш мебарад, барои ҳарфҳои қабеҳ дар интернет боздошт шудааст.**

Тибқи иттилои ин ниҳод, ин мард бо карори суд барои пахн кардани як навори фаҳш тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, ки боиси паст шудани ахлоқи ҷавонон мегардад, боздошт шуд. Қарақулов қаблан барои пахн кардани чунин наворҳо хушдор дода шуда будааст. Ба ин мард 15 рӯз ҳабси маъмурӣ таъин карда шуд.

# ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ХОНАНДАГОН



**Ташаккулёбӣ ва тайёрӣ ба ҳаёти мустақилонаи мо хонандагон ин давраи таҳсил дар мактаб аст. Хонандагон дар мактаб имконияти аз худ кардани дониши ҳуқуқӣ ва васеъ намудани ҷаҳонбинии худро доранд.**

Қарзи шаҳрвандии ҳар як шахс донистани ҳуқуқ мебошад. Он нишонаи фарҳанг ва неруи ақлонии ҳар як шаҳрванд аст. Баръакс, надонистани ҳуқуқ аломати бетафовутӣ нисбат ба тақдири давлату ҷомеа ва сарнавишти худи одам ба ҳисоб меравад. Дар қисми 2-и моддаи 42-юми Конститутсияи ЧТ муқаррар шудааст, ки «Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад». Ин меъёри конститутсионӣ моро уҳдадор месозад, ки қонунро донем ва онро риоя намоем.

Вақте аз синни хурдӣ, наврасӣ дар хислати кӯдакон бахилӣ, эркагӣ, беинтизомӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ дида мешавад, фавран бояд падару модар, мактаб, ҷомеа дар пайи ислоҳи он шаванд, вагарна онҳо метавонанд ба дигарон, ҳатто ба ҷомеа зарар расонанд. Ҳамин аст, ки гоҳо баъзе хонандагони синфҳои болоӣ, ки қонуншиканӣ намуда, таҷрибаи муносибати ҳуқуқии байниҳамдигариро инкор мекунанд, барои кирдорҳои ношоямашон ҷазоҳои гуногуни ислоҳшавӣ мегиранд.

Муллифи ин сатрҳо дар "Литсейи инноватсионии Душанбе» кори тадқиқотӣ дар самти муайян кардани ҳуқуқу уҳдадориҳои хонандагон гузаронид.

**Дар натиҷаи пурсиш хонандагон чунин ҳуқуқҳоро ном бурданд:**

*- ҳуқуқ ба таълими умумии асосии ҳатмии ройгон. Шакли таълими пулакиро қонун муайян мекунад:*

*- ҳуқуқ ба иштирок дар олимпиадаҳои фаннӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, эҷодӣ, фарҳангӣ, мусобиқаҳои варзишӣ;*

*- ҳуқуқ ба шароити мусоиди дарсӣ, донистани баҳои гузоштаи муаллим, истифода аз моликияти мактабӣ, гирифтани дарсҳои иловагӣ, гирифтани маслиҳат аз омӯзгорон;*

*- ҳуқуқ ба кафолати ҳифзи ҳаёт ва саломатӣ, рушди ақлонӣ ва рӯҳонии кӯдак, истифода аз фонди китобхонаи мактабӣ;*

*- ҳуқуқ ба иштирок дар ҳаёти фарҳангии мактаб, истироҳат дар вақти танаффуси байни дарсҳо, рӯзҳои истироҳатӣ ва таътилҳо;*

*- ҳуқуқ ба харидани маҳсулоти хӯрданӣ аз дӯкон ва ошхонаи мактабӣ.*

**Мафҳуми уҳдадорӣ - ин вазифадор шудан мебошад. Уҳдадорӣ метавонад дар байни хонандагон ҳам ба миён ояд. Хонандагон чунин уҳдадориҳоро чудо намуданд:**

*- хонандагон бояд ба ҷамъомади пагоҳирӯзӣ сари вақт ҳозир шаванд;*

*- намуди зоҳирии хонанда бояд ба меъёрҳои қабулшуда мувофиқат намояд;*

*- бо либоси ягонаи мактабӣ ҳозир шудан;*

*- эҳтиёткорона муносибат намудан ба амволу ашёи литсей ва рафиқони худ;*

*- риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар синф ва роҳравҳо;*

*- эҳтиромона ва бо ному насаб муроҷиат намудан ба омӯзгорон ва шахсони аз худ калон;*

*- пешакӣ огоҳ намудани омӯзгорон дар ҳолати бо ягон сабаби узрнок ва бе тайёрӣ ба дарс наомадан;*

*- ба рафти дарс халал нарасонидан, диққати худ ва ҳамсабақонро ба корҳои дигар ҷалб накардан;*

*- бе иҷозати муаллим аз дарс берун набаромадан, сари вақт иҷро намудани супоришҳои муаллимон.*

**Барои пайваста баланд гардидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ба хонандагон чанд пешниҳод дорам:**

*- иҷро намудани талаботҳои Низомномаи литсей, қоидаҳои талабагӣ, қоидаҳои тартиботи дохилӣ, фармоиши директори литсей, риоя намудани талаботи кормандони тартиботи дохилии литсей;*

*- сари вақт иҷро намудани вазифаи хонагӣ ва супоришҳои муаллимон;*

*- қатъӣ риоя намудани интизом дар дохил ва берун аз мактаб;*

*- муҳофизат кардани моликияти мактаб ва синф, риоя кардани тозагӣ ва тартибот дар мактаб;*

*- ҳар рӯз вазифаи хонагиро дар рӯзнома қайд намудан, бо талаботи муаллим рӯзномаро пешниҳод намудан;*

Падару модарон бо мактаб бояд доимо робита дошта бошанд, донишандӯзӣ ва иштироки фарзандро дар раванди таълим назорат карда, бо омӯзгорон, ҳайати кормандон ва роҳбарияти муассисаи таълимӣ оид ба таълими фарзанд мунтазам ҳамкорӣ намоянд.

**Мустафо ҶАЛОЛОВ,**
**хонандаи синфи 10-и МДТ "Литсейи инноватсионии Душанбе"-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

# 10 МАҲСУЛОТИ МУФИД БА БЕМОРОНИ ДИАБЕТИ ҚАНД

**Шумораи гирифторони касалии қанд сол то сол дар кишвари мо зиёдтар мешавад. Роҳи беҳтарини мубориза бо ин беморӣ риояи намудани парҳез ва истеъмоли ғизои солим мебошад. Имрӯз мо ба шумо дар бораи 10 маҳсулоте маълумот медиҳем, ки ба гирифторони касалии қанд фоидаи бисёр доранд. Ғизоҳои мазкур аз калсий, калий, магний, клетчатка, витаминҳои А (каротиноидҳо), С ва Е бой буда, системаи муҳофизатии организм - иммунитетро пурқувват месозанд.**



**1. ЛӮБИЁ**. Барои шахсоне, ки касалии қанд доранд, лӯбиё ғизои беҳтарин аст. Он аз моддаҳои муфид саршор буда, дар мубориза бо диабети қанд ёрӣ мерасонад. Лӯбиё аз клетчатка бой аст. Ним истакон лӯбиё талаботи шабонарӯзии ҷисми инсонро бо клетчатка таъмин карда метавонад. Ба ғайр аз ин, лӯбиё манбаи магний ва калий мебошад. Аслан лӯбиёро ба гурӯҳи сабзавотҳое дохил мекунанд, ки аз крахмал бой ҳастанд, вале дар таркиби он сафедаҳо низ хеле зиёданд.



**2. РАСТАНИҲОЕ, КИ БАРГҲОИ ПАҲНИ САБЗ ДОРАНД.** Хӯрдани растаниҳое, ки баргҳои паҳни рангашон сабзи баланд доранд, ба гирифторони касалии қанд бениҳоят муфид мебошад. Яке аз чунин растаниҳо карам аст. Он ба кас қуввату неруи тоза мебахшад ва аз ҳама муҳимаш, калорияи кам дорад.



**3. МЕВАҲОИ СИТРУСӢ**. Грейпфрут, афлесун, мандарин, лиму ва дигар меваҳои ситрусӣ бояд ҳатман ба рӯйхати ғизои ҳаррӯзаи шахсоне, ки касалии қанд доранд, ворид карда шавад. Ҳар рӯз яке аз ин меваҳоро истеъмол намуда, шумо талаботи шабонарӯзии ҷисми худро бо клетчатка ва витамини С таъмин менамоед.



**4. КАРТОШКА**. Маҳсулоти дар таркибаш крахмал дошта, ҳамзамон аз витамини А ва клетчатка низ бой мебошад. Шумо ба бемории қанд гирифтор бошед, беҳтараш картошкаи ширин хӯред, зеро индекси гликемикии он пасттар аст.



**5. БУТТАМЕВАҲО**. Кист, ки қулфинай, марминҷон ва дигар буттамеваҳоро дӯст надорад? Дар баробари бомазза буданашон буттамеваҳо боз фоиданок ҳастанд. Махсусан ба гирифторони бемории диабети қанд тамоми намудҳои буттамеваҳо фоида дорад, зеро дар таркибашон антиоксидант, витаминҳои гуногун ва клетчатка хеле зиёд аст. Шумо метавонед аз хӯрдани буттамеваҳои тару тоза лаззат баред ва ҳамзамон аз ин меваҳо барои худ нӯшобаҳои гуворо тайёр кунед.



**6. ПОМИДОР.** Фарқ надорад, ки помидорро дар кадом шакл истифода мебаред. Худи помидор, афшура - пюреи помидор, ҳатто помидори хом низ барои касалии қанд фоида дорад. Дар таркиби помидор витамини С, оҳан, витамини Е ва дигар моддаҳои муфиде мавҷуданд, ки барои ҳаёти шахсони ба диабети қанд гирифтор хеле зарур мебошанд.



**7. МОҲӢ.** Он аз Омега-3 ва дигар кислотаҳои равғании барои ҷисми беморони қанд зарурӣ бой мебошад. Махсусан хӯрдани моҳии навъи озодмоҳӣ (лосось) ба шахсоне, ки диабети қанд доранд, хеле фоиданок мебошад. Моҳиро сахт бирён кардан лозим нест, вагарна моддаҳои муфиди дар таркибаш мавҷудбуда несту нобуд мешаванд.



**8. МАҲСУЛОТИ ҒАЛЛАДОНАГӢ.** Маҳсулоти ғалладонагӣ аз магний, хром, кислотаҳои чарбии омега-3, кислотаи фолиевий ва дигар моддаҳои ғизоӣ бой мебошанд. Ҳатто дар пӯсти гандум моддаҳое вуҷуд доранд, ки ба организми инсон фоидаи бисёр доранд. Аммо ба гирифторони бемории қанд танҳо перловка ва шавлаи ҷавӣ тавсия дода мешавад. Ҷав ва авёс манбаи клетчатка ва калий буда, барои гирифторони диабети қанд хеле фоиданок ҳастанд.



**9. ЧОРМАҒЗ.** Истеъмоли чанд дона чормағз кофист, ки кас ҷисми худро бо миқдори зарурии равғанҳои фоиданок таъмин намуда, сер шавад. Чормағз дар таркибаш 2 моддаи барои шахсони гирифтори диабети қанд бениҳоят зарур - магний ва клетчатка дорад. Ба ғайр аз ин, дар таркиби чормағз ҳамчунин омега-3 ва кислотаҳои равғанӣ хеле зиёданд.



**10. ШИРИ БЕРАВҒАН**

Шири беравған ва йогурт бояд ҳатман ба рӯйхати ғизои рӯзмарраи гирифторони диабети қанд дохил карда шавад. Аввалан маҳсулоти ширӣ дандон ва устухонҳоро пурқувват месозанд, бар замми ин, манбаи асосии витамини D мебошанд. Тадқиқотҳои олимон собит намудаанд, ки ин витамин ба шахсоне, ки диабети қанд доранд, қуввату дармон бахшида, таъбашонро болида нигоҳ медорад. Барои солимии шахсони касалии қанд дошта ин бениҳоят муҳим аст, бинобар ин, бештар шири беравған ва йогурт хӯред.

## ДИАБЕТ ЧӢ ХАТАР ДОРАД?




## Толеънома



*Ҳамал*
*21.03 - 20.04*

Ҳафтаи ноорому пурмоҷаро барои зодагони бурҷи Ҳамал фаро мерасад, хусусан нимаи дуюми ҳафта ҳодисаҳо тезутунд ҷараён мегиранд. Беҳтараш ин ҳафта аз сомонаҳои иҷтимоӣ истифода набаред. Ҳар қадами худро санҷида гузоред.



*Савр*
*21.04 - 21.05*

Ба кори нав гузаштанро маслиҳат намедиҳем, вале барои аз баҳри кори дилбазан гузаштан ба бори зиёдатиро аз дӯши худ дур афкандан айёми мусоид аст. Хариди калон накунед, хатари беҳуда сарф кардани пул ва харидори намудани молҳои тамоман нодаркору бесифат зиёд аст.



*Ҷавзо*
*22.05 - 21.06*

Дар ҳаёти аксари намояндагони бурҷи Ҷавзо мунокишаҳои оилавӣ сар зада, ҷангу ҷанҷоли зиёде мешавад. Ҳамдигарнофаҳмӣ фазои беғубори оилаи шуморо ғуборолуд месозад. Сабаби асосии мунокишаҳои оилавӣ мушкилоти пулӣ аст.



*Саратон*
*22.06 - 23.07*

Ҳафта нисбатан бобарор ва ором меояд. Нафароне, ки бо санъат сарукор доранд, бурд мекунанд. Мушкилиҳое, ки як ҳафта қабл аз шумо қуввաи неруи зиёд талаб мекарданд, ин ҳафта бо осонӣ роҳи ҳалли худро пайдо менамоянд.



*Асад*
*23.07 - 22.08*

Ҳафтаи хеле фаъолу пурҳаводис меояд. Рӯзҳои бобарори ин ҳафтаро барои рафъи мушкилиҳои хеле муҳиму ҷиддии вобаста ба масъалаҳои манзилӣ, кушодани корхонаҳои калон, хариди калон ва маблағгузорӣ бубахшед. Агар оиладор шудан хоҳед, тӯйро ба таъхир нагузоред.



*Сунбула*
*23.08 - 22.09*

Агар корҳои худро дуруст ба нақша гирифта тавонед, муваффақият насибатон мегардад. Асабонияти зиёд ва саросемагӣ дар ин ҳафта бар зарари шумост. Агар худро ба даст гирифта, оромона амал карда тавонед, мушкилоти зиёдеро паси сар мекунед.



*Мизон*
*25.09 - 22.10*

Назар ба ҳафтаи гузашта ҳафтаи нав бобарор мешавад. Дар ҷодаи ишқу муҳаббат хеле воқеаҳои аҷиб рух медиҳанд. Шуморо ҳолате фаро мегирад, ки ҳар лаҳзаву ҳар соат дар орзуи дидори дӯстдоштаатон дилатон гум мезанад.



*Ақраб*
*23.10 - 22.11*

Барои ақрабхо ҳафтаи пур аз рӯйдоду ҳодисаҳои аҷиб фаро мерасад. Ба саратон идеяҳои тоза омада, дар амал татбиқ намуданашон ба осонӣ даст медиҳад. Ин ҳафта ба маслиҳати атрофиён гӯш надиҳед, мушкилоти ҷиддӣ ва масъалаҳои муҳимро мустақилона ҳал намоед.



*Қавс*
*25.11 - 21.12*

Ин ҳафта дар ҳаёти ашхосе, ки зери бурҷи Қавс ба дунё омадаанд, тағйироти куллӣ ба вуҷуд меояд. Вокеоти аҷибу хотирмони ҳафтаро шумо то дергоҳ фаромӯш карда наметавонед. Хислати модарзодиятон шуморо ба ҳангомаву моҷароҷӯӣ ҷалб менамояд.



*Ҷаддӣ*
*22.12 - 20.11*

Нохушиҳо балои аз таги по баромадагӣ барин ногаҳон пайдо мешаванд. Барои эмин мондан аз ҳолатҳои ногувор, нафарони дар ин моҳ таваллидшуда бояд аз ҷойҳои серодам гурехта, ба ягон кори муҳим даст назананд. Ҳангоми истироҳат аз одамони ношинос эҳтиёт шавед.



*Далв*
*21.01 - 19.02*

Аз чизҳои хатарноку ба саломатиятон зиёновар дурӣ биҷӯед. На ҳамаи афроди дар ин моҳ таваллидёфта рӯзгори осуда доранд. Айёме фаро расидааст, ки шумо бояд мушкилиҳои оилавиро дар мадди аввал гузоред. Аз рӯзи чоршанбе сар карда, ба хонаатон меҳмон меояд.



*Ҳут*
*20.02 - 20.03*

Ҳутҳо ин ҳафта нисбати зодагони дигар бурҷҳо баатолеъ ҳастанд. Мушкилиҳо худ ба худ гум мешаванд, мабодо ягон масъалаи нохуш пайдо шавад ҳам, ҳутҳои зирак дарҳол роҳи ҳаллашро меёбанд. Дар ҳафтаи нав бо ҷозибаи ғайриоддӣ атрофиёнро ба худ ҷалб менамоед.

# ИСЛОҲОТИ ИЛМ

## аз куҷо бояд оғоз шавад?

**(Аввалаш дар саҳ.7)**

Маҷаллаҳои низоми дастрасиашон кушод барои чопи мақола, вобаста ба соҳа ва нуфузи маҷалла пардохти гуногунро талаб мекунанд (ба ҳисоби миёна 2-4 ҳазор доллари ИМА). Ин хароҷот барои таҳрир, омодасозӣ ба нашр, интишор, ҷойгирнамоӣ дар низомҳои иқтибосотӣ ва нигоҳдории мақола дар интернет зарур аст.

Дар шароити Тоҷикистон нашри мақола дар маҷаллаҳои низоми дастрасиашон кушод кори вазнин аст ва шояд андаке аз олимону пажӯҳишгарон омода бошанд, ки барои нашри як мақола аз 2 то 4 ҳазор доллари ИМА сарф кунанд.

Ҳамзамон, таҷрибаи маҷаллаҳои низоми дастрасиашон кушодро набояд бо чопи мақолаҳои пулакӣ омехта кунем. Чун имрӯзҳо ширкату созмонҳое зиёде ҳастанд, ки ҳақмузди муайянро аз довталаб гирифта, барои ӯ мақола менависанд ва онро дар ягон маҷалла ба нашр мерасонанд.

Аҳамияти афзоиши мақолаҳои олимони кишвар дар пойгоҳҳои Scopus ва Web of Science-ро имрӯзҳо ҳама дарк мекунанд, чун барои боло рафтани ҷойгоҳи кишвар дар раддабандиҳои байналмилалии соҳавӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, чунин тавсияҳоро пешкаш мекунем:

*1. Таҳияи номгуйи маҷалла ва интишороти тавсияшавандаи пойгоҳҳои Web of Science ва Scopus.* Лозим ба назар мерасад, ки ниҳодҳои ваколатдори соҳа номгӯйи маҷалла ва интишоротро вобаста ба тартиби ҷойгиршавиашон дар квартилҳои муайяни пойгоҳҳои Web of Science ва Scopus (ё аз рӯи квартил Q, импакт фактор IF, CiteScore ва SJR) тартиб дода, ба пажӯҳишгарони ватанӣ тавсия диҳанд, ки ба доми фиреб наафтанд. Чунки дар кишварҳои пасошӯравӣ нашри мақолаҳо дар чунин маҷаллаҳо ба тиҷорат табдил ёфта, як мақола аз $700 то $2500 нарх дорад. Чанд сол пеш олимони Ӯзбекистон аз рӯйи нашри мақолаҳо дар интишороти қалбакии Web of Science ва Scopus яъне, маҷаллаҳое, ки пештар дар ин пойгоҳ буданд ва барои риояи накардани талабот аз он берун карда шудаанд, пешсафӣ доштанд (мавзӯи нашри мақолаҳо дар нашрияҳои қалбакӣ, “пирӯзӣ” дар озмунҳои қалбакии илмӣ ва ҷоизаву медалу унвонҳои қалбакӣ додану гирифтан алоҳида баррасӣ мешавад).

*2. Роҳандозии низоми миллии ҳавасмандкунӣ барои чопи осор дар интишороти пойгоҳҳои Web of Science ва Scopus.* Арзёбии мавзӯъ нишон медиҳад, ки набудани ҳавасмандии олиму пажӯҳишгарон як унсури боздоранда, таҳия нагаштани мақолаҳо барои интишороти пойгоҳҳои Web of Science ва Scopus будааст. Бо назардошти таҷрибаи кишварҳои дигар ду тартиби ҳавасмандкуниро пешниҳод кардан мумкин аст:

**ЯКУМ**, ҳар муассисаи илмию пажӯҳишӣ ва таълимӣ бунёди умумии маблағҳоро барои равияҳои табиатшиносию дақиқ ва ҷомеашиносию гуманитарӣ эълон мекунад. Ҳаҷми маблағҳо барои равияи табиатшиносию дақиқ бояд як маротиба аз ҷомеашиносию гуманитарӣ бештар бошад, чун дар



*Шералӣ РИЗОЁН,*
*номзади илмҳои сиёсӣ*



*Ризои БАҲРОМЗОД,*
*номзади илмҳои физикаю математика*

риштаи аввал ҳамасола мақолаҳо зиёд ба нашр мерасанд. Дар охири сол дар асоси далели нашри чунин мақола маблағҳои бунёди эълоншуда баробар тақсим мешаванд (барои мисол: агар бунёди маблағҳо 50 ҳазор сомонӣ бошаду 10 мақола ба нашр расанд, пас барои ҳар мақола 5-ҳазорӣ пешкаш мешавад, агар мақолае нашр нагардад, пас маблағ дар ҳисоби муассиса боқӣ мемонад). Мушкили асосӣ дар равияи ҷомеашиносию гуманитарӣ ба мушоҳида мерасад, чунки аксари кулли кормандони ниҳодҳои илмию пажӯҳишӣ ва таълимӣ чунин интишоротро дар пойгоҳҳои Web of Science ва Scopus надоранд.

**ДУЮМ**, бо қабули санади дахлдор муайян кардани ҳаҷми ҳавасмандкунӣ дар асоси нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар асоси далели нашри мақола аз ҷониби муассисаи илмию пажӯҳишӣ ё таълимӣ, ки муаллиф дар он фаъолият мекунад, пардохта мешавад. Масалан, Донишгоҳи миллӣ барои кормандони худ, ки мақола дар интишороти пойгоҳҳои Web of Science ва Scopus чоп мекунанд, 3000 сомонӣ подош медиҳад. Агар бо қабули санади дахлдор барои нашри чунин мақолаҳо на кам аз 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳаққи қалам пешбинӣ шавад, ҳавасмандкунии ҷиддие барои муаллифону хоҳишмандон мегардид. Ҳамчунин, подоши ҳавасмандиро метавон вобаста ба квартили маҷалла, саҳми муаллиф дар мақола ва ё муаллифи масъули нашр будан (автор-корреспондент) каму зиёд кард (масалан, барои нашри мақола дар маҷаллаи Q1 10000 с, Q2 6000 с, Q3 4000 с ва ғайра).

*3. Баргузории курсҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисос барои аз худ кардани тарзи навиштани мақола дар интишороти пойгоҳҳои Web of Science ва Scopus.* Дар кишвар муаллифони мақолаҳое ҳастанд, ки дар равияҳои табиатшиносию дақиқ ва ҷомеашиносию гуманитарӣ осори худро дар интишороти пойгоҳҳои Web of Science ва Scopus чоп кардаанд. Агар чунин курсҳои амалии омӯзишӣ баргузор гарданд ва дар натиҷаи онҳо ҳамаи иштирокдорон як мақола аз рӯйи меъёрҳои талабмешудаи пойгоҳҳои Web of Science ва Scopus таҳия кунанд, барои афзудани теъдоди мақолаҳо ва муаллифон сабаб мегардид.

*4. Воридкунии тағйиру иловаҳо ба низомномаи ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, ҳамчунин, тартиби сазоворсозӣ бо унвонҳои илмӣ.* Аз унвонҷӯёни дараҷаҳои номзад ва доктори илм (ва ҳамчунин унвонҷӯёни баробар ба ин дараҷаҳо), довталабони унвони дотсент, профессор ва академик талаб гардад, ки дар нашрияҳои бонуфузи дар рӯйхати Scopus ва Web of Science мақолаҳо дошта бошанд. Ин тартиб барои ҳамаи довталабони дараҷа ва унвонҳои илмӣ бояд ҳатмӣ бошад. Агар олим ё пажӯҳишгаре чунин мақола дорад, бояд ба вай унвони дотсент ва профессор ба осонӣ дода шавад. Роҳандозии чунин талабот теъдоди довталабони дараҷа ва унвони илмиро ба маротиб кам мекунад. Батадриҷ гузариш аз миқдор ба сифат сурат мегирад. (Барои мисол аз кишварҳои пасошӯравӣ: Донишгоҳи ба номи Ломоносови Маскав, ки худаш ҳуқуқи додани дипломҳои номзадӣ ва докториро дорад, аз довталабони дараҷаҳо талаб мекунад, ки миқдори муайяни мақолаҳо дар маҷаллаҳои рӯйхати Web of Science ва Scopus нашр шуда бошанд. Ин яке аз сабабҳои бонуфуз ҳисоб шудани дипломҳои ин донишгоҳ аст).

5. Додани дараҷаи илмӣ дар асоси пажӯҳиш ва интишорот дар маҷаллаҳои бонуфуз. Дар замони Шӯравӣ таҷрибае вуҷуд дошт, ки барои таҳқиқоти арзишманд ва бунёдӣ бе ҳимояи рисолаи илмӣ низ дараҷаи илмӣ дода мешуд. Соли 2021 дар Русия низ қароре (Қарори Ҳукумати ФР аз 20-уми марти соли 2021, №426) ба тасвиб расид, ки мувофиқи он довталаби дараҷаи докторӣ дар ҳолати доштани 30 мақола дар давоми 10 соли охир дар маҷаллаҳои квартили як ва ду барои соҳаҳои табиатшиносӣ, дақиқ, техникӣ, аграрӣ ва тиббӣ танҳо бо маърӯза метавонад соҳиби дараҷаи илмӣ гардад. Ин нишондиҳанда барои фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ бошад, 50 мақола дар маҷаллаҳои квартили як, ду ва се мебошад. Ҷорӣ карданин ин таҷриба ба олимони пурмаҳсул имкон медиҳад, ки вақти худро барои навиштани рисола, омода кардани ҳуҷҷатҳои зиёд ва монеаҳои гуногуни идорӣ сарф накарда, соҳиби дараҷаи илмӣ гарданд ва аз раванди пажӯҳиш дур намонанд.

Ҳамчунин, барои афзоиши теъдоди мақолаҳо дар пойгоҳҳои Web of Science ва Scopus густариши ҳамкориҳои олимони ватанӣ бо ҳамкасбони хориҷии худ ва воридгардии маҷаллаҳои ватанӣ ба ин низомҳо метавонад мусоидат кунад, ки баъдан шарҳ медиҳем.

**(Давом дорад)**

## МАВЛУДНОМА

**• 6 ИЮН •**

**Каримҷон Аъзамов** (1924), 100-солагии зодрӯзи журналист.

**Муҳаббат Бобоҷонова** (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

**Эргаш Самадов** (1954), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр.

**Вил Шелюхин** (1924-1996), 100-солагии зодрӯзи меъмор.

**• 7 ИЮН •**

**Музаффар Гулмаҳмадов** (1909-1986), 115-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Абдуалӣ Давлатов** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Исмоилхоҷа Комилӣ** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Лола Хотун** (1254-1295), 770-солагии зодрӯзи шоираи форс-тоҷик.

**• 8 МАЙ •**

**Шокир Боҳиров** (1914-1987), 110-солагии зодрӯзи арбоби хоҷагӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Маҳмад Раҳмонов** (1924), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Фаридуни Ҷунайдӣ** (1939), 85-солагии зодрӯзи адабиётшиноси эронӣ.

**• 9 МАЙ •**

**Шаҳодат Акбарова** (1954), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр.

**Иброҳиммирзо Султон** (1539-1577), 485-солагии зодрӯзи шоир, нависанда ва хаттоти форс-тоҷик.

**Ксения Васильченко** (1909-1990), 115-солагии зодрӯзи боғпарвар, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**• 10 МАЙ •**

**Ҷумъабой Азизқулов** (1934), 90-солагии зодрӯзи мутарҷим, ҳомуснигор, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Олим Почоев** (1904-1957), 120-солагии зодрӯзи яке аз иштирокдорони барқарории Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон.

**Абдусалом Раҳимзода** (1944), 80-солагии зодрӯзи мутриб, оҳангсоз, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Тӯхтабой Ҷалилов** (1934-2009), 80-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод, профессор.

**Евгений Чазов** (1929), 95-солагии зодрӯзи терапевти рус, академик, узви хориҷии АМИ Тоҷикистон.

**• 11 МАЙ •**

**Наримон Қобилов** (1929-1989), 95-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Меҳрангез Ҳасанова** (1954), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманди театру кино.

**Рене Валленбург** (1769-1806), 255-солагии зодрӯзи шарқшиноси австриягӣ, муҳаққиқи адабиёти классикии форс-тоҷик.

**• 12 МАЙ •**

**Отаҷон Қурбонов** (1914-1991), 110-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Дилбарнисо Нурматова** (1939), 85-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Майя Сайфиддинова** (1939), 85-солагии зодрӯзи журналист.

**Ҳабибулло Солиев** (1944-2005), 80-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ ба номи Инатуллоев Файзулло, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Телман 402, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи №427, устоди спорт оид ба гимнастикаи бадеӣ ба номи Одинаева Ниссо Валиевна, ки санаи 06.12.2017 аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Бердиев Шамсиддин Бахронович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 46/4, блоги Г, ҳуҷраи 121, соли 2022, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №113856, аз санаи 17-уми апрели соли 2024 ба номи Бердиев Шамсиддин Бахронович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 46/4, блоги Г, ҳуҷраи 121, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 ба номи Самиев Иброҳим Набиевич, ки соли 1992 аз МТМУ №7-и ноҳияи Данғара, ҷамоати Корез, деҳаи Данғараи боло дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0638509, ба номи Шамсиев Аҳмадҷон Алишерович, ки аз ҷониби МТМУ №1-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ санаи 02.07.2019 дода шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти №1Ш-552, ки аз санаи 18.03.2014 дар Идораи нотариалии давлатии шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба номи Мухидинов Саидчалол Исоевич бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Шафақ 19/4 ба расмият даровварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Нусхаи гумшуда аз акти санҷиш дар ВТЭК барои сертификати серияи ВТЭ-1 №084279 ба номи Аҳмадов Қурбонали Самадович, ки санаи 08.04.1998 аз ҷониби Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, эътибор надорад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Бутаев Камильжан Касымжонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Қаҳҳоров 78, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси КТ "Раҳматулло Хайруллоев", РЯМ: 0710005304, РМА: 070007823, ки аз санаи 19.03.2001 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият даровварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 25-уми декабри соли 2008, таҳти феҳристи №1Ш-1199 ба номи Хидиров Абдулатиф Абдузоирович нисбат ба хонаи истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Султонобод, деҳаи Сабзакор дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши (мағозаи) бинои сохтмонаш нотамом, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Ленин 27-уми марти соли 2003, таҳти феҳристи №1К-435 ба номи Бекматов Шукрулло нисбат ба бинои (мағозаи) сохтмонаш нотамом, воқеъ дар ноҳияи Ленин, Совети қишлоқи Зайнабобод, участкаи Комсомол дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 19-уми июни соли 2015, таҳти феҳристи №2М-150 ба номи Азимова Ҳалимамоҳ Раҳимовна нисбат ба хонаи истиқоматии №64, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Машъал дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 23-юми апрели соли 2012, таҳти феҳристи №1Ш-498 ба номи Усманов Фаррух Исмаилович нисбат ба хонаи истиқоматии №65, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи А. Савдо (Нестерова) дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Махмадиев Имомҷон, РЯМ: 0730129666, РМА: 075902501, аз санаи 10.02.2016, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Ғафуров Умеджон, РЯМ: 0730156085, РМА: 075982395, аз санаи 16.11.2017 бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► ҶДММ "МООР СТИВЕНС", РЯМ: 0310019701, Шаҳодатномаи №0281054, РМА: 030031297, ки санаи 24.04.2019 аз ҷониби Бахши бақайдгирии ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ бинобар сабаби гум шудан, аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳрасти №8Ш-3432 аз 22.09.2017 аз номи Раҳмонов Нусратуло Раҳматулоевич ба номи Раҳмонзода Зафар Раҳматуло, намояндаи Раҳмонзода Муҳаммад Зафар, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Зарафшон, бинои 15, ҳ. 87, ки дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино ба расмият даровварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ашурова Зумрад Ҷумахоновна, №0612316, РЯМ: 1230232612, РМА: 046874771, ки санаи 15.01.2024 аз Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, эътибор надорад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Ҳайдаров Фазлиддин, РЯМ: 0730089773, РМА: 075800667, ки аз санаи 03.01.2014 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► Нозироти минтақавии "Идоракунӣ ва хизматрасонии фонди манзил"-и №2, ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Намояндагии ҶДММ "Мератрейд Лимитед", №0266080, РЯМ: 0220001779, РМА: 020044266, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии Эшбой, РЯМ: 0710004965, РМА: 070006059, аз 21.09.2000 дар ш. Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## *Зодрӯз муборак!*



Бародари ба ҷону дил баробарамон Исмоилхоҷа Комил! Туро ба муносибати ҷашни 60-солагии мавлудат табрику муборакбод намуда, бароят тансиҳативу хотирҷамъӣ, саодатмандиву бурдбориҳои ҳамешагиро хоҳонем. Бигзор ҳамаи орзуҳоят ҷомаи амал пӯшанд.

**Бо эҳтиром, бародаронат**

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Knowledge Management and Gender Assistant, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 18705/NPSA-5); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 19 June 2024 NY time.**
- **Project Manager, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 18620/NPSA-9); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 18 June 2024 NY time.**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs**

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**

ҶОМИ ҶАҲОН

## ДАСТАИ ТОҶИКИСТОН БО УРДУН БОЗӢ МЕКУНАД

**Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар доираи омодагӣ ба бозии даври панҷуми даври дуюми сабқати интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 дар гурӯҳи “G” бо тими миллии футболи Урдун нахустин тамрини худро дар Аммон анҷом дод.**

Даста баъд аз машку тамринҳо дар Давҳаи Қатар ба Аммони Урдун расид ва дар ҳайати пурра тамринҳои пеш аз бозиро гузаронд. Ба даста Ваҳдат Ҳанонов («Персеполис», Эрон), Зоир Ҷӯрабоев, Манучеҳр Сафаров (ҳарду «Нефтчӣ», Ӯзбекистон), Шаҳром Самиев («Андиҷон», Ӯзбекистон) ва Фатҳулло Олимзода (Атирау, Қазоқистон) пайвастанд.



Вохӯрии дастаҳои мунтахаби Урдун ва Тоҷикистон рӯзи панҷшанбеи шоми 6-уми июн дар Варзишгоҳи байналмилалии Аммон баргузор шуда, соати 20:30 ба вақти маҳаллӣ (соати 22:30 ба вақти Душанбе) оғоз мешавад.

БОКС

## МУШТЗАНҲОИ ТОҶИК ДАР БАНГКОК СОҲИБИ РОҲХАТИ ОЛИМПӢ НАШУДАНД

**Дар Бангкок мусобиқаи интихобии ҷаҳонии бокс барои дарёфти роҳхати Бозиҳои олимпӣ дар Париж баргузор шуд, ки варзишгарони тоҷик натавонистанд комёб шаванд.**



Тоҷикистонро Руҳафзо Ҳақназарова (50 кг), Фотима Бегмуродова (54 кг), Нилуфар Бобоёрова (63 кг), Шоира Зулкайнарова (66 кг), Меҳрон Шафиев (51 кг), Асрор Воҳидов (57 кг), Шамшер Саидов (71 кг), Некрӯз Салимов (80 кг), Муҳаммад Аброриддинов (+92 кг) намояндагӣ карданд.

Ҳеҷ кадоме аз намояндаҳои Тоҷикистон натавонистанд, ки дар ин мусобиқа роҳхати олимпиро ба даст оранд. Яке аз умедхои асосии бокси тоҷик Асрор Воҳидов буд, ки дар ду набарди аввал бар намояндаи Малӣ Абдул Карим Баталӣ ва муштзани Косово Башким Бойоку пирӯз шуд, аммо дар даври ҳаштякниҳои аз намояндаи Украина Айдер Абдураҳимов шикаст хӯрд.

Ҳоло аз Тоҷикистон дар намуди бокс Мижгона Самадова (57 кг), Давлат Болтаев (92 кг) ва Баходур Усмонов (63,5 кг) соҳиби роҳхат ба Бозиҳои олимпӣ-2024 ҳастанд.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

## КМВА ИМТИЁЗҲОЯШРО БО «ИСТИҚЛОЛ» БАРОБАР КАРД

**Даври 9-уми Лигаи олии футболи Тоҷикистон бо панҷ вохӯрӣ ба анҷом расид ва як вохӯрии дигар ба вақти дигар гузаронида шуд.**

Дар вохӯрии аввали ин давр дастаи «Баркчӣ»-и Ҳисор дар майдони худ аз «Эсхата»-и Хуҷанд бо ҳисоби 0:1 мағлуб шуд.

“Хуҷанд” боз ҳам дар дақиқаи иловашудаи бозӣ аз бохт наҷот ёфт. Хуҷандиҳо ин навбат дар дақиқаи 97-ум муқобили “Истаравшан” ҳисобро баробар карданд - 1:1.

Клуби марказии варзиши артиш рақиби асосии худ барои зинаи дуюм - дастаи «Регар-ТадАЗ»-ро мағлуб кард. Ин бозӣ бо ҳисоби 3:1 ба охир расид ва КМВА мавкеашро дар зинаи дуюм хубтар кард. Акнун ин даста бо «Истиқлол» имтиёзҳои баробар дорад, аммо «Истиқлол» ду бозӣ камтар анҷом додааст.

«Равшан» ва “Ҳосилот” ба дарвозаи якдигар гол назаданд - 0:0.

«Вахш» бар «Кӯктош» ғалабаи боварибахш ба даст овард. Ин бозӣ бо ҳисоби 3:1 ба охир расид ва пирӯзии сеюми «Вахш» аст. Дар зимн, ба ғайр аз «Баркчӣ» ҳамаи дастаҳои дигар се пирӯзӣ, ё аз он зиёдтар ба даст овардаанд.

Вохӯриҳои даври 10-ум рӯзҳои 15 ва 16-уми июн ба нақша гирифта шудаанд.




🏃⚽🔍 РЕЗААХБОР

Ҳимоятгари дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон Ваҳдат Ҳанонов дар ҳайати бошгоҳи футболи «Персеполис» ғолиби Чемпионати футболи Эрон шуд. Дар даври ниҳоии чемпионати Эрон «Персеполис» дар майдони худ бар «Мес Нафсанҷон» пирӯз шуд (1:0). «Персеполис» дар 30 дидор 68 хол ба даст оварда, бори дигар соҳиби медалҳои тиллои чемпионат гардид. Дар мавсими гузаштаи чемпионати Эрон Ваҳдат Ҳанонов дар ҳайати дастаи «Персеполис» ёздаҳ бозӣ анҷом додааст.



***

Дастаи ҷавонони Тоҷикистон (U-20) дар доираи омодагӣ ба марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2025 таҳти роҳбарии мутахассиси словенӣ Милош Костич дар моҳи июн бо ҳамсолони худ аз Беларус ду бозии дӯстона анҷом медиҳад. Бозии санҷишии якум рӯзи 7-уми июн дар варзишгоҳи «ТАЛКО-Арена»-и шаҳри Турсунзода ва бозии дуюм рӯзи 10-уми июн дар майдони маркази техникии Федератсияи футболи Тоҷикистон воқеъ дар ноҳияи Варзоб баргузор мешавад.

***

Варзишгари тоҷик Илдар Аҳмадиев дар 27-умин ёдбуди мусобиқаи байналмилалии мураббии шоиста Афғон Сафаров дар Боку (Озарбойҷон) ду медали тилло ба даст овард. Варзишгари тоҷик дар давидан ба масофаҳои 100 ва 200 метр кувваозмоӣ карда, мақоми аввалро касб кард. Вай дар давидан ба масофаи 100 метр 10,86 сония ва дар давидан ба масофаи 200 метр 21,78 сония натиҷа нишон дод.

***

Дар натиҷаи қуръакашии Ҷоми футболи Тоҷикистон дар даври муқаддамотӣ “Истиқлол” бо “Эсхата”, “Душанбе” бо “Истаравшан”, “Сардор” бо “Шодмон”,

“Баркчӣ” бо “Регар-ТадАЗ”, “Куктош” бо “Вахш», “Файзканд” бо “Хуҷанд”, “Ҳосилот” бо КМВА, “Панҷшер” бо “Равшан” бозӣ мекунанд. Бозиҳои аввал рӯзҳои 27-29-уми июли соли ҷорӣ баргузор мешаванд.




### Ҷиноят

Дар идораи САХШ духтаре аз дугонааш мепурсад:
- Дилбар, ту бори чандум аст, ки шавҳар мекунӣ?
Дилбар дар ҷавоб:
- Бори панҷум.
Дугонааш мегӯяд:
- Барҳақ ҷинояткор ба макони ҷиноят боз бармегашта-аст!

### Пашша

Марде дар тарабхона пешхизматро даъват карда, мегӯяд:
- Худаш чӣ гап, чаро дар карамшӯрбои ман пашша шино мекунад?!
Пешхизмат мегӯяд:
- Ин тарзи муосири хизматрасонӣ дар тарабхонаи мо ноу-хау ном дорад, яъне пашша каймоқи хӯрокро омезиш медиҳад.

### Давомнокии моҳ

Аз майхорае мепурсанд:
- Ту дар як моҳ чанд маротиба шароб менӯшӣ?
Майхора дар ҷавоб:
- Ҳамааш аз давомнокии моҳ вобастагӣ дорад, гоҳе сӣ рӯз, гоҳи дигар сиву як рӯз.

### Китоби сурх

Ҷавони ошиқе аз духтари дӯстдошташ мепурсад:
- Сарвиноз, магар маро ба рӯйхати сиёҳат ворид кардаӣ?
Сарвиноз мегӯяд:
- Не, ман туро ба Китоби сурхи худам, ҳамчун махлуқи бадтарини ангуштшумор ворид кардам.

### Шинос

Писарчаи хурдсол ба бародараш мегӯяд:
- Аз модарам барои сиинкерс пул гир.
Бародараш дар ҷавоб:
- Худат гирифтан гир, модарам танҳо аз ман нест, аз ту ҳам ҳаст...
Писарча дар ҷавоб:
- Гапат дурусту лекин ту бо модарам чанд сол зиёдтар шинос ҳастӣ!

### Ҳасрат

Мард ба дӯсташ ҳасрат мекунад:
- Аз куҷо занеро пайдо кунам, ки ба хотири ман ба обу оташ зада дарояд?
Дӯсташ дар ҷавоб:
- Ба ту зани сӯхтагиву дар об зада чӣ лозим аст?

### Ҷавонӣ

Ду пирамард даврони ҷавониро ба ёд оварда, якеаш мегӯяд:
-Биё, духтарбозӣ мекунем.
Пирамарди дуюм мегӯяд:
-Рафту духтарон ишқамонро рад кунанд?
Пирамарди аввала:
-Рад кунанд, дарди ба хайр, ту Худо гӯй, ки қабул нақунанд.

Таҳияи
Н.РАҶАБОВА

## ЛАТИФАҲО

Зане шикоят кард, ки дар маҷлис ба хотири гузаштагон як дақиқа хомӯшӣ эълон карданд: кариб кафида мурда будам!

***

Филро ба “Китоби сурх” даровардани шудаанд: нагунҷид.

***

Поквиҷдоне порагирии рӯйрости сардорро дида, аз ғазаб ба ларза омад.
- Маст!,- гӯён ӯро зуд ба хушёрхона фиристоданд.

***

“Дар тақсими вазифаҳо беадолатӣ накунем” гуфта, дар мусобиқаи хазандаҳо оид ба давидан сангпуштро сардовар эълон карданд.

***

Хамиру мизи сардор чӯра шуданд. - Ҳар ду ба гурӯҳи муштхӯрҳо дохил мешавем,- якдилона изҳор карданд онҳо.

***

Пиёз сад қабат ҷома пӯшида бошад ҳам, тундияшро нигоҳ дошта натавонист.

***

Ӯ ончунон ба “боло” (ба сарварон) кашонидани чиз одат кард, ки ҳатто оби бинияшро ҳам ба боло мекашидагӣ шуд.

***

Барои арӯс хушдоман ҳам модар аст, вале нозунузро намебардорад.

***

Пуҷуке нисбати танг будани сӯрохиҳои биниаш аз болои парма шикоят навиштааст.

***

Шона ки сад забон дорад, доим аз анбӯҳи бешазори мӯйҳои сар сиҳату саломат берун меояд.

***

Хурӯс ба қанди хурӯсак эҳтиёҷ надорад, зеро вай аз шаҳди мокиёнак бархӯрдор аст.

***

Пуфакро калон мекардагӣ ҳам пуфу майда мекардагӣ ҳам.

***

Зани нозоям ба пуфаки дамида ҳам рашк мебарад.

***

Уштурро ба тӯй таклиф карданд. «Аз афташ, полиз надоштаанд-дия»,- хулоса баровард ӯ.

***

Қаллобро пас аз маргаш ҳама таъриф мекарданд, зеро дигар қаллобӣ карда наметавонист.

***

Забон устухон надорад, наҳоида гап задан гиред!

***

Ба дили сардор даромаданӣ шуда, аз одамгарӣ берун шуд.

***

Тақлид ба ҳайвонотро дӯст медорад. Аз ин рӯ, ба кор сангпуштвор мераваду аз кор харгӯшвор бармегардад.

***

Дар пушти пуштае зане тардоман бо марде пинҳон гашта, зино карду пасон дар пушти пуштаи хамидаи шикамаш пинҳон шуда натавонист.

***

Дар бораи дароз кардани умри мушон қарор баровар-данду онро барои муҳокима ва тасдиқ ба Шӯрои гурбаҳо пешниҳод карданд.



Абдурауф
МУРОДӢ

## Сканворд

